

НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ НУҲМОҲАИ ВАЗОРАТ

с. 4-5



ТАЪСИРИ САРДӢ БА ИНСОН ВА ХУРУҶИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ ДАР ИН ДАВРА

с. 7



ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ ЗАМИНАИ РУШДИ СОҲАҲОИ МУХТАЛИФИ ҶАМЪИЯТӢ ХОССАТАН ТАНДУРУСТӢ ДАР САРОСАРИ КИШВАР ГАРДИД

с. 13


# Паёми шифо

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

№10 (53) 15.10.2021 // www.moh.tj, info@moh.tj
payomi-shifo@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2018 нашр мешавад

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




## САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ШАҲРИИ ХОРУҒ БАЪД АЗ ТАЪМИРИ АСОСӢ ШИНОС ШУДАНД

саҳ.2

# САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ШАҲРИИ ХОРУҒ БАЪД АЗ ТАЪМИРИ АСОСӢ ШИНОС ШУДАНД



**29 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳри Хоруғ ба Маркази саломатии шаҳрӣ ташриф оварда, бо фаъолияти он баъди таъмиру навсозии пурра шинос шуданд.**

Маркази саломатии мазкур аз соли 1987 бунёд шуда, бо гузашти солҳо дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Маҳз дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи тандурустӣ ин муассисаи муҳими иҷтимоӣ — хизматрасонӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуда, пурра навсозӣ гардид.

Корҳои таъмиру барқарорсозӣ дар Маркази саломатии шаҳри Хоруғ моҳи сентябри соли 2020 оғоз гардида, моҳи сентябри соли ҷорӣ ба анҷом расиданд.

Иншоот дар доираи тадбирҳои ободонию бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосиру зебо навсозӣ ва бо таҷҳизоту дастгоҳҳои муосири тиббӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст.

Маркази саломатӣ дорои 41 ҳуҷраи корӣ ва хизматрасонии тиббӣ буда, дар он 117 мутахассиси соҳаи тиб фаъолият менамоянд. Ҳамчунин дар бинои навсозишуда 16 камераи назоратӣ насб карда шуда, фаъолияти бонизому бенуқсони кормандони марказ тавассути онҳо назорат мегардад.

Муассисаи соҳаи тандурустӣ дорои ду шуъбаи тибби оилавӣ, маркази иммунизатсия, бемориҳои кӯдакона, шуъбаи ташхис, машварати тиббӣ, педагогӣ-психологӣ, ҳуҷраи сабти барқи дил, рентгени рақамӣ, сабти ҳуҷҷатҳо, ҳуҷраи асаб ва сабти майнаи сар, ҳуҷраи бронхоскопия, ултрасадои доплерӣ, ҳуҷраи хатна, озмоишгоҳ, маҷлисгоҳ, ошхона ва гӯшаи гиёҳдармонӣ мебошад.

Иншооти тандурустӣ дар маркази шаҳри Хоруғ ба аҳолии шаҳр ва сокинони дигар ноҳияҳои вилоят хизмати саривақтии тиббию профилактикӣ мерасонад.

Мавриди таҷдиду навсозии куллӣ қарор гирифтани иншоот барои аҳолии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои атрофи он имкониятва шароити мувофиқу муосири хизматрасонии тиббӣ фароҳам овард ва барои 11 ҷойи кории нав ба ҳайати кормандони соҳа замина гузошт.

Навсозию пурра таъмир ва замонавӣ гардондани Маркази саломатии шаҳриро тамоми кормандони соҳаи тибби вилоят бо хушнудӣ истиқбол намуда, ин иқдомро натиҷаи таваҷҷуҳу дастгирӣ ва ғамхориҳои доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тиб ва солимии ҷомеа арзёбӣ менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони Маркази саломатии шаҳри Хоруғ суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, онҳоро ба истифодаи босамари имконият ва шароити мувофиқи тиббӣ ва хизматрасонии босифату саривақтии тиббӣ ба аҳолӣ ҳидоят намуданд.

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МУАССИСАИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ ДАР НОҲИЯИ ФАРХОР

**2 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Фархор ҳамчунин бинои нави таълимии Муассисаи ғайридавлатии таълимии Коллеҷи тиббиро мавриди истифода қарор доданд.**



Коллеҷи тиббӣ бо дарназардошти талаботи ҷаҳони муосир бунёд шуда, барои 440 нафар дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Иншоот аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Насим Додиев бунёд гардид. Корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Парандапарвари Фархор" анҷом дода, он дар масоҳати умумии 650 метри мураббаъ доман густурдааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки муассиса дар ноҳия ягона Коллеҷи хусусӣ аст, ки барои омода намудани мутахассисони соҳаи тиб равона гардидааст ва дар он аз рӯи 3 ихтисос – кори ҳамширагӣ, умумитиббӣ ва фармасевтӣ мутахассис омода менамоянд.

Қобили зикри хос аст, ки муассисаи навбунёд аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 12 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла утоқҳои химия, биология ва фанни морфологӣ буда, ҳамзамон озмоишгоҳ барои гузаронидани машғулиятҳои лабараторӣ фаъолият менамояд.

Пешвои муаззами миллат ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдоми башардӯстонаи соҳибкорро шоистаи таҳсин хонданд. Ба фаъолият пардохтани муассисаи таълимии тиббиро дар ноҳия, Сарвари давлат ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти норасоии кадрҳои соҳаи тиббӣ мусоидаткунанда арзёбӣ намуда, ба масъулин ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Соҳибкори ватандӯст аз дастгириҳои Президенти мамлакат изҳори миннатдорӣ намуда, ӯҳдадор шуд, ки ҳамчунин дар назди муассисаи таълимӣ барои 400 нафар донишҷӯ хобгоҳи замонавӣ ва толору майдончаҳои варзишӣ бунёд намояд.

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ БЕМОРХОНАИ МИНТАҚАВИИ "ОРИЁН" ВА ШУЪБАИ ТАВАЛЛУД ДАР НОҲИЯИ ФАРХОР



**Дар деҳоти Фархори ноҳияи Фархори вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Беморхонаи минтақавии "Ориён" ва шуъбаи таваллудро мавриди истифода қарор доданд.**

Бо бунёди иншооти мазкур аҳолии деҳоти Фархор соҳиби муассисаи замонавии тиббӣ гардиданд, ки дар он ташхису табобати бемориҳои гуногун роҳандозӣ гардидааст.

Беморхона дорои 20 кат буда, аз шуъбаҳои бемориҳои даруна, бемориҳои кӯдакона ва таваллудхона иборат мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки бо истифода аз лабараторияи замонавӣ ташхиси беморон дар ҳамин ҷо роҳандозӣ шуда, ҳамчунин муолиҷаи маризон бо ҷалби табибони соҳибмалака амалӣ карда мешавад.

Дар иншооти нав 16 ҳуҷраи табобатӣ ва кабинети корӣ ҷой дода шуда, ҳамчунин ҳуҷраҳои табобатӣ бо дастгоҳҳои насли нав таъмин гардидаанд. Аз ҷумла, беморхона дорои шуъбаи ташхиси ултрасадоӣ, дастгоҳҳои нафасдиҳии сунъӣ, кардиомонитор ва оксигенераторҳо буда, омода аст ба нафарони бемор саривақт ва бо сифати баланд хизмат расонад.

Дар шуъбаи таваллуди беморхона шароити муосиду замонавӣ барои нигоҳдории модару кӯдак фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар ин ҷо 10 кати хоб бо имкониятҳои зарурӣ ташкил гардида, барои солим ба дунё омадани тифл мутахассисони соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардиданд.

Дар ҳолатҳои ғайричашмдошт низ шуъбаи мазкур бо истифода аз дастгоҳҳои нав метавонад саривақт ба модар ва ё кӯдак кӯмаки тиббӣ расонида, ба ҳамин васила аз фавти кӯдаку модар пешгирӣ намоянд.

Ҳамчунин ҳуҷраҳои алоҳидаи машваратӣ барои модарони ҷавон ва ташхиси кӯдакон дар ин шуъба ташкил карда шудааст.

Дар маҷмӯъ дар Беморхонаи минтақавии "Ориён" ва шуъбаи таваллуд бештар аз 20 нафар аз сокинони маҳаллӣ, ки дорои маълумоти тахассусианд соҳиби ҷои кор гардида, бо маоши хуб таъмин мебошанд.



Саҳни иншоот низ мувофиқ ба талабот бунёд гардида, барои сайру гашти табобатгирандагон ва ташрифи аёдаткунандагон имконияти зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Беморхонаи нав бо дарназардошти талаботи муосири тиббӣ бунёд гардида, имконият медиҳад, ки сокинони деҳоти Фархор дар ҳамин ҷо ба ташхису табобат фаро гирифта шаванд ва ин иқдом мушкилоти иҷтимоии аҳолии минтақаи мазкурро дар самти дастрасӣ ба хизматрасонии муосири тиббӣ ба пуррагӣ ҳал намуд.

# БОЗДИД АЗ БЕМОРХОНАИ МАРКАЗИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ БАЪД АЗ ТАҶДИДУ НАВСОЗӢ





**4 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ дидан намуданд.**

Беморхона бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки олмонии рушд ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ пурра таҷдиду навсозӣ ва бо навтарин таҷҳизоти ташхисию табобатӣ таъмин шудааст.

Масоҳати умумии иншоот беш аз 3 гектарро ташкил дода, бинои асосии он сеошёна мебошад. Корҳои сохтмониро ширкатҳои ватанӣ бо ҷалби сокинони маҳаллӣ сифатнок ва ҷавобгӯ ба талаботи соҳа анҷом додаанд.

Долонҳо, ҳуҷраҳои корӣ, бистаригардонӣ ва дигар иншооти ёрирасони беморхона бо истифода аз масолеҳи баландсифати сохтмонӣ пурра азнавсозӣ шуда, солҳои зиёд хизмат намуданаш кафолат дода мешавад.

Рахтҳои хобу ҷевон ва дигар лавозимоти ҳуҷраҳои бистаригардонӣ солҳои зиёд истифода шуда, корношоям гардида буданд. Акнун бо назардошти талаботи замон пурра иваз ва ба стандарти байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд. Ҳуҷраҳои корӣ ҳам бо мизу курсӣ, компютер ва дигар ҷиҳози зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки беморхонаи марказии ноҳия аз 10 шуъба, аз ҷумла шуъбаҳои қабул, ташхис, кӯдакона, ёрии таъҷилӣ, амалиёти ҷарроҳӣ, ҷарроҳии кӯдакона, ҷарроҳии калонсолон ва таваллудхона иборат аст. Беморхона дорои 194 кат буда, дар он шароити зарурӣ барои ташхису табобат мавҷуд мебошад.

Таҷҳизоти нав васлу насбшуда, аз ҷумла рентген, ултрасадо, дастгоҳи сабти барқии дил, асбобҳои ҷарроҳӣ, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, оксигенератор ва ғайра истеҳсоли ширкатҳои бонуфӯзи ҷаҳонӣ мебошад ва бо истифода аз ин гузаронидани ҳама гуна ташхису табобат имконпазир аст.

Дар доираи лоиҳаи "Ҳифзи саломатии модару кӯдак ва беҳтар намудани самти ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон" ба беморхона 120 номгӯи дастгоҳу таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ ворид карда шудааст. Қаблан дар ноҳия барои расонидани чунин хизматрасониҳои тиббии муосир ба аҳолӣ бо истифода аз таҷҳизоти рақамӣ мавҷуд набуд. Аз ин рӯ сокинон ба дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла ба шаҳри Душанбе мерафтанд. Баъди таҷдиди пурраи беморхонаи мазкур ва муҷаҳҳаз намудани он бо технологияи навтарини соҳа сокинон имкон пайдо намуданд, ки дар маҳал пурра ба ташхису табобат фаро гирифта шаванд.

Барои таъмиру таҷдиди бинои беморхона ва ҷиҳозонидани он бо дастгоҳу таҷҳизоти соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонкии олмонии рушд беш аз 53 млн. сомонӣ сарф намудааст.

Дар беморхона беш аз 450 нафар, хоса табибон, кормандони миёна ва хурди тиб фаъолият доранд, ки дорои таҷрибаи ғании корӣ буда, бо истифода аз технологияи навтарини соҳа ба аҳолӣ хизмат марасонанд.

Об бо истифода аз таҷҳизоти барқии офтобӣ гарм ва ба беморхона таъмин карда мешавад. Ҷиҳати таъмини доимии қувваи барқ дар беморхона ду трансформатори нав бо иқтидори 1000 кВт насб шуда, ҳамчунин ду дастгоҳи дизелии истеҳсолкунандаи барқ бо иқтидори 150 кВт мавҷуд аст.

Дар доираи лоиҳа иншооти обтаъминкунӣ ва корезии беморхонаро низ аз нав сохта, таҷҳизоташро пурра иваз намудаанд. Дар иншоот таҷҳизоти гармидиҳии замонавӣ васлу насб шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмиру таҷдиди пурра ва муҷаҳҳаз намудани Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъро бо таҷҳизоти замонавии соҳа туҳфаи арзишманд дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сокинон ҳисобида, кормандони соҳаро ба эҳсоси баланди масъулият ва истифодаи самараноки имконоти мавҷуда дар самти ҳифзи солимии аҳолӣ ҳидоят намуданд.

# ШӮЪБАИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТИИ БЕМОРХОНАИ МИНТАҚАВИИ МИСКИНОБОДИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

**Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаи бемориҳои сироятии Беморхонаи минтақавии Мискинободи ноҳияи Файзобод, ки аз 50-кат иборат мебошад, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.**

Дар маросими ба истифода додани шӯъбаи мазкур Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафур Муҳсинзода, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ва доираи васеи кормандони соҳаи тандурустии ноҳия иштирок намуданд.



Тавре иттилоъ дода шуд, шӯъбаи бемориҳои сироятии Беморхонаи минтақавии Мискинободи ноҳияи Файзобод дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ва ашхоси саховатпешаи диёр сохта ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон, шӯъбаи мазкур аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон таъмин гардидааст, ки дар он барои ташхис ва табобати шаҳрвандон тамоми шароит ва имконоти мусоид фароҳам мебошад.

Аснои боздид Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода бо роҳбарият ва кормандони Беморхонаи минтақавии Мискинобод суҳбати озод анҷом дода, онҳоро барои хизмати софдилона ба мардум ва таъмини солимии аҳолӣ даъват намуд.

# ТАВАҶҶУҲ: САФАРИ КӮДАКОНИ ТО СИННИ 6 СОЛАИ МАМЛАКАТ БА МУҲЛАТИ 60 РӮЗ ПАС АЗ ГИРИФТАНИ ВАКСИНАИ ОХИРИНИ ЗИДДИ БЕМОРИИ ФАЛАҶ (ИОПВ-2) БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ МАНЪ ГАРДИД

Бо қарори Сартабиби давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2021, №126 бо дарназардошти он, ки то 15 сентябри соли 2021 давраҳои Рӯзҳои миллии иммунизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди бемории фалаҷ анҷом дода шуд ва тибқи мушоҳидаҳо гардиши вируси бо вакснатсия алоқаманди нОПВ-2 дар муҳити атроф, аз ҷумла дар фазлаи кӯдакони ваксинатсияшуда дар як марҳилаи аниқ муайян карда мешавад, аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия бевосита ва ё тавассути дигар давлатҳо сафар намудани кӯдакони то синни 6 сола ба мӯҳлати 60 рӯз пас аз қабули ваксинаи охирони зидди бемории фалаҷ (иОПВ-2) манъ карда шуд.



Дар ҳолатҳои истисноӣ, бо дарназардоштӣ то ба имзо расонидани қарори мазкур аз ҷониби волидайни кӯдакони ваксинашудаи то синни 6 сола харидорӣ намудани чиптаҳои ҳавопаймо барои сафар ба Федератсияи Россия бевосита аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё тавассути дигар давлатҳо танҳо бо шарти дар даст доштани ҳуҷҷатҳои зарурии иммунизатсияи кӯдакони синни то 6 сола бо дарҷи марҳилаҳои Рӯзҳои миллии иммунизатсия бар зидди бемории фалаҷ иҷозат дода мешавад.

Дар робита ба масъалаи мазкур Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Муассисаи давлатии "Маркази экспертизаи санитарию эпидемиологӣ, назорат дар нақлиёт ва сарҳадот" вазифадор карда шуданд, ки тавассути Нуқтаҳои санитарию карантинии Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд, Нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар Нуқтаҳои гузаргоҳҳои заминии Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои вилояти Суғд, ки бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошанд, назорати сафари кӯдакони то синни 6 солаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Федератсияи Россия дар давраи татбиқи қарори мазкур, бо дарназардошти ҳолатҳои истисноӣ пурзӯр намоянд.

Аз ин лиҳоз, аз волидайн даъват ба амал оварда мешавад, ки қарори мазкурро нодида нагиранд ва то муҳлати мавриди амал қарор гирифтани он аз сафар бо кӯдакони то синни 6 солаи хеш ба Федератсияи Россия худдорӣ намоянд.

Дар ҳолати пайдо шудани савол вобаста ба масъалаи мазкур шаҳрвандони мамлакат метавонанд ба муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии маҳали зисти хеш муроҷиат кунанд.

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ

**12 октябри соли равон дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии тиббии Тоҷикистон “Шифобахш” ҷаласаи навбатии ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба натиҷагирӣ аз фаъолияти вазорат ва зерсохторҳои он дар 9 моҳи соли 2021 ва нақшаҳо барои то охири соли ҷорӣ баргузор гардид, ки дар он Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони вазир Ғафур Муҳсинзода, Зулфия Абдусаматзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмадшоҳ Гулзода, роҳбарони Хадамотҳои соҳавӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, Хатлон ва Суғд, роҳбарони марказҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои тандурустии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар кормандони соҳа иштирок намуданд.**





Нахуст Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти вазорат дар 9 моҳаи соли равон ҳисобот дод.

Зикр гардид, ки дар ин давра фаъолияти тамоми сохторҳои зертобеи вазорат баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ равона карда шуда, дар ин самт як қатор дастовардҳои муҳиму назаррас ба даст омаданд.

Дар ин давра ба мақсади беҳтар намудани заминаи ҳуқуқии хизматрасониҳои тиббӣ тибқи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Рӯйхати нишондодҳои иҷтимоӣ барои қатъи сунъии ҳомиладорӣ, Тартиби бо роҳхати табобати истироҳатгоҳӣ ва курортӣ таъмин намудани кӯдакон, Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният барои солҳои 2021-2025, Тартиби кори нуктаҳои санитарию карантинӣ, Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он барои солҳои 2022-2027 тасдиқ гардиданд.

Инчунин, лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ”, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим барои солҳои 2022-2026 ва “Номгӯи воситаҳои техникии тавонбахшӣ ва маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон, ки таҳвил ва воридоти онҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошанд”, дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баррасӣ қарор доранд.

Дар нуҳ моҳи соли 2021 зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Коллеҷи тиббӣ - инноватсионии шаҳри Бохтар, корхонаи «Ориё - Медикал» дар шаҳри Душанбе, «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоӣ»-и ноҳияи Данғара, бинои Маркази ташхисию табобатии “Исмоил” дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, дар ноҳияи Данғара Муассисаи касбию иҷтимоии хусусии тиббӣ ва Маркази барқарорсозии «Нури тиб», дар шаҳри Ҳисор ҶСК «Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ», Маркази тандурустии “Ваҳдат” дар ноҳияи Кӯшониён ва шуъбаҳои қабул, қалб ва шикастабандии Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон, Маркази дастгирии оила ва кӯдаки “Фарзанди Ватан” дар шаҳри Истаравшан пас аз таъмиру навсозӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Боиси хушнудист, ки Маҷмааи тандурустии “Дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон” дар ноҳияи Қубодиён моҳи июни соли ҷорӣ ба таври маҷозӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ифтитоҳ гардида, бо таҷҳизоти нави замонавии муосир муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки дар он тамоми шароити корӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2021 фаъолият дар самти ворид намудани усулҳои нави ташхису табобат рушд ёфта, дар соҳаи саратоншиносӣ ҷарроҳии узвнигоҳдорандаи гурдаи ягона, резексияи омоси гурди ягона, панкреатэктомияи тоталӣ ҳангоми саратони ғадуди зери меъда, ворид намудани эндопротезҳои онкологӣ ҳангоми омосҳои бадсифати устухони рон ва буриши думарҳилавии



ҷигар ҳангоми саратони ҷигар, дар беморони гирифтори бемориҳои чашм ташхисгузорӣ бо истифодаи томографияи когерентии оптикӣ, биометрияи когерентии оптикӣ барои ташхиси бемории чашмпарда, лазери диодии сабз, усули нави ворид намудани зуҷоҷияи дохилии чашм дар ҳавзаки қафо бо маҳкам намудан дар сулбияи чашм, гузоштани зуҷоҷияи сунъӣ дар дохили чашм бе гузоштани дарз ҳангоми бемориҳои наздикбинии дараҷаи баланд, имплантатсияи зуҷоҷи сунъии манфии дохили чашмӣ дар кӯдакон ҳангоми бемории анизометропияи наздикбинӣ истифода карда шуданд.

Бо мақсади паст намудани бемориҳои роҳҳои пешоброн дар байни кӯдакон дар “Маркази миллии тиббии “Шифобахш” ба кӯдакони гирифтори бемориҳои роҳҳои пешобгузар усули технологияи муосири амалиётҳои ҷарроҳии уретерокутанеостомия, нефростомаи пунксионӣ, уретропластика бо усулҳои Брокк, Снодгросс, геминефруретерэктомия ворид карда шуданд.

Ҳамзамон, табобати комплексии артрозҳо бо истифодаи видеоартроскопия ва ҷарроҳиҳои декомпрессионӣ бо мурувватҳои махсус, беҳтаркунии тармими устухон бо истифодаи якҷоя бо усулҳои нави ксенопластика бо технологияҳои ҳуҷайрадармонӣ ва эндопротезкунӣ ҳангоми ҷарроҳии баромади модарзодии сараки ронҳо ҳамчун усулҳои нави табобат ба роҳ монда шуданд.

Яке аз дастовардҳои дигари соҳа дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба роҳ мондани эндопротезкунонии буғумҳо мебошад.

Аз ҷумла дар ду соли охир дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба 66 нафар амалиёти эндопротезкунонии буғумҳо гузаронида. Дар нуҳ моҳи соли 2021 дар маҷмӯъ дар вилоят ба 31 нафар чунин амалиёт гузаронида шудааст.

Бо мақсади ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифтани кормандони соҳа дар ин давра як қатор корҳои муҳиму назарра ба анҷом расонида

# НУҲМОҲАИ ВАЗОРАТ



шуданд. Махсусан, давоми 9 моҳи соли равон дар муассисаҳои таълимию илмии зертобеи вазорат 8858 нафар ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифта шуданд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 1757 нафар зиёд мебошад.

Тибқи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 марти соли 2021, №83 "Дар бораи гузаронидани иммунизатсия бар зидди бемории сироятии COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 23 марти соли ҷорӣ бо ваксинатсия фаро гирифтани аҳолии гурӯҳҳои мақсаднок оғоз гардида, то ҳол идома ёфта истодааст.

То ба имрӯз ба ҷумҳурӣ тавассути Механизми байналмилалии COVAX ва кӯмакҳои башардӯстона 5 186 800 вояи ваксинаҳои "АстраЗенека", "КоронаВак", "Модерна", "Спутник V" ва "Пфайзер" ворид карда шуда, мавриди истифодаи самаранок қарор дода шудааст.

Бо истифода аз ваксинаҳои ба ҷумҳурӣ воридшуда то 10 октябри соли ҷорӣ аз шумораи умумии бақайдгирифташудагон, яъне 5826301 нафар 43,1 фоиз ё баробар ба 2 513950 нафар бо вояи якум фаро гирифта шуданд. Аз ҳисоби умумии фарогирифтагон бошад, бо вояи дуюм ҳамагӣ 2011987 ё баробар ба 80,0 фоиз ва нисбат ба аҳолии мақсаднок бошад, 34,5 фоиз фаро гирифта шуданд.

Айни замон дар муассисаҳои статсионарии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 1201 нафар бошандагон, (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 нафар зиёд мебошад) аз ҷумла 628 нафар мард, 469 нафар зан ва аз инҳо 104 нафараш кӯдакони маъюб мебошанд.

Аз ин шумора маъюбони гурӯҳи якум - 274 нафар, маъюбони гурӯҳи дуюм – 648 нафар, маъюбони гурӯҳи сеюм - 15 нафар мебошанд. Ҳамзамон, дар муассисаҳои будубоши доимии соҳа 20




нафар ятимони кул, 27 нафар нимятим ва аз оилаҳои камбизоат 52 нафар дар таъминоти давлатӣ қарор доранд. Ба бошандагони ин муассисаҳо 724 нафар кормандон хизмат мерасонанд.

Дар ҳамин асно, бахри ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбони ниёзманд дар миқёси ҷумҳурӣ 43 адад марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, марказҳо ва шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд, ки 823 нафар кормандон, аз ҷумла 590 нафар кормандони иҷтимоӣ дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ ба 5364 нафар, ки аз инҳо 4463 нафар пиронсолону маъюбон ва 901 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошанд, хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, машваратӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 93 нафар зиёд мебошад.

Ҷиҳати ҳарчӣ беҳтар расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон ва дигар шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 6 марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки ҷамъ 230 нафар кормандони маъмурию иҷтимоии ин муассисаҳо давоми нуҳмоҳаи соли равон ба 986 нафар пиронсолону маъюбон ва 70 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар давоми 9 моҳи соли 2021 аз ҷониби ҳамаи муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар маҷмӯъ ба 21259 нафар хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271 «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар тамоми 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодааст. То 30 сентябри соли 2021 дар шаҳру ноҳияои ҷумҳурӣ парвандаҳои 142 875 муроҷиаткунанда қабул гардида, аз ин маълумоти 140 232 хонавода ба системаи иттилоотии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ворид карда шуда, шумораи гирандагони кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ бо назардошти гирандагони кӯмакпулии соли гузашта 232 366 нафар (оила) мебошад, ки фоизи фарогирии хонаводаҳо 15,8 %-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ хароҷоти маблағи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат 72,7 сомониро ташкил медиҳад.




Масъалаҳои таъмин намудани маъюбони эҳтиёҷманд бо маҳсулоти протезию ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ зери таваҷҷуҳи роҳбарияти вазорат қарор дошта, дар ин давра дар корхонаи давлатии "Заводи протезию ортопедӣ"-и шаҳри Душанбе бо филиалҳояш ба маблағи 3465800,00 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Дар асоси дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва фармоишоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ниёзмандон 1202 - аробачаи маъюбӣ, 966 - асо, 161 - асо барои нобиноён, 435 ҷуфт асобағал, 147 - асобағал то оринҷ, 100 - дастгоҳи шунавоӣ, 88 - роҳгардак (ходунок), 30 - пурбин, 49 - курси барои ҳоҷатхона, 31 - курси барои ҳаммом, 40 - айнак дастрас гардонида шудааст.

Дар идомаи суханронии хеш вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои дигари соҳа, муваффақият ва дастдовардҳо, мушкилот ва камбудиҳои ҷойдошта низ баромад намуд.

Баъдан, сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, Хатлон, Суғд, роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ вобаста ба фаъолияти хеш маълумот доданд.

Дар фарҷоми ҷаласа Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббӣ, таъмиру тармими биноҳо, масъалаҳои муоинаи никоҳшавандагон, одоби муошират кормандони тиб, аз ҷумла табибон бо беморон, ҷавоб додан ба муроҷиати шаҳрвандон, пешгирии ВНМО-аз ҷумла гузариш аз модар ба кӯдак, риояи бехатарӣ аз сӯхтор, назорати кортҳои маъюбон, беҳтар намудани кӯмаки ройгони фаврии тиббӣ ва ғайра ба тамоми масъулон-роҳбарони муассисаҳои тандурустии кишвар супоришҳои қатъӣ доданд.

Дар охир қарори ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.



# КУМАКИ ПАЛЛИАТИВӢ ВА ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ОН

Мафҳуми «паллиативӣ» аз калимаи лотинии «паллиум» бармеояд, ки маънояш «ҷома» ё «парда» аст. Ҳамин тавр, мафҳуми ёрии паллиативӣ ҳамвор кардан, сабук кардани зуҳуроти беморӣ мебошад. ТУТ нисбат ба дигарон беҳтар тавзеҳ медиҳад: ин равиш сифати зиндагии беморон (калонсолон ва кӯдакон) ва оилаҳои онҳоро, ки бо мушкилоти марбут ба бемориҳои марговар рӯ ба рӯ мешаванд, беҳтар мекунад. Кумаки паллиативӣ бо роҳи ташхис, арзёбӣ ва табобати дард ва ҳалли мушкилоти дигар - ҷисмонӣ, равонӣ ва рӯҳонӣ азияти беморро пешгирӣ ва сабук мекунад.

Ба муҳимияти ёрии паллиативӣ баҳо додан душвор аст. Масалан, беморони гирифтори саратони музмин аксар вақт дардро шабонарӯз ҳис мекунанд. Чунин мешавад, ки онҳо мустақилона ҳаракат карда наметавонанд ё имкони нигоҳ доштани гигиенаи шахсиро надоранд, яъне аз кумаки беруна вобастаанд. Дар ин ҳолат, ёрии паллиативӣ ягона воситаи дар сатҳи қобили қабул нигоҳ доштани сифати зиндагӣ ва сабук кардани вазъи наздикон мебошад, ки баъзан барои нигоҳубини як хеши мариз онҳо маҷбуранд аз кор ва тарзи ҳаёти фаъол даст кашанд.

Тибқи як таҳқиқоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар соли 2020, тақрибан аз се як ҳиссаи одамоне, ки ба кумаки паллиативӣ ниёз доранд, беморони саратон мебошанд. Қисми боқимонда шахсони гирифтори бемориҳои пешрафтаи дил, шуш, ҷигар, гурда, мағзи сар ё бемориҳои музмин барои ҳаёт, аз қабили СПИД ва сили ба дору тобовар мебошанд. Ҳар сол беш аз 40 миллион беморон дар охири ҳаёт ба кӯмаки паллиативӣ ниёз доранд, ки 78%-и онҳо дар кишварҳои камдаромад ва миёна зиндагӣ мекунанд.

Имрӯз тибби ҷаҳонӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, метавонад бисёр бемориҳои вазнинро табобат кунад, вале баъзе бемориҳои музмин ҳанӯз ҳам имкони табобат надоранд. Новобаста ба ин табибон вазифадоранд, ки ба бемор дар ҳама ҳолат кумак расонанд, ҳамлаҳои дарднокро сабук намоянд, дастгирии равонӣ расонанд ва некӯаҳволии беморро то андозае беҳтар кунанд. Мақсади дахолати паллиативӣ (яъне дастгирӣ) идоракунии нишонаҳои шадид мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, танҳо ёрии паллиативӣ сифати зиндагии беморро беҳтар мекунад. Мисоли склерози музмин аст, ки онро табобат кардан мумкин нест, аммо истеъмоли доруҳо метавонад рушди бемориро суст кунад. Ва дар марҳилаҳои баъдӣ дард сабук мешавад, ҳаракатнокии бемор меафзояд.

ТУТ ҳадафи кумаки паллиативиро чунин муайян мекунад: баланд бардоштани сифати зиндагии беморони табобатнашаванда ва хешовандони ӯ. Яъне бо роҳи пешгирӣ ва сабук кардани азияти бемор, тавассути муайян ва қатъ кардани дард ва дигар нишонаҳои нохуш ба даст овардан мумкин аст. Кӯмаки паллиативӣ инчунин дастгирии психологӣ ва иҷтимоиро низ дар бар мегирад.

**Принсипҳои ёрии паллиативӣ дар «Китоби Сафед» инъикос гардида, постулатҳои зеринро дар бар мегиранд:**

**Шаъну эътибори бемор:** ҳар як бемор ҳуқуқ дорад дақиқан интихоб кунад, ки дар куҷо ва чӣ гуна ёрии паллиативӣ мегирад. Ҳар гуна нигоҳубин бояд танҳо бо розигии бемор ва агар бемор худ қарор қабул карда натавонад, пас бо розигияти хешовандони ӯ анҷом дода шавад. Шарти пешакӣ он аст, ки ба бемор, ба арзишҳои динӣ ва шахсии ӯ бояд бо эҳтиром муносибат карда шавад.

Ҳангоми банақшагирии чорабиниҳои паллиативӣ ва татбиқи мустақими онҳо бо бемор ва оилаи наздики ӯ ҳамкории наздик доштан ҳатмист. Барои бемор ва оилаи ӯ фаврӣ ва ғайричашмдошт табобатро тағйир додан ғайриимкон аст - ҳама тағйирот бояд ҳамоҳанг карда шаванд.

**Давомнокӣ.** Вазъи беморро мунтазам назорат карда, нигоҳубин ва доруворӣ бояд аз рӯзи табобат то рӯзи охирин доимӣ бошанд.

**Муоширати.** Беморони мубталои маризии музмин аксар вақт дурӣ меҷӯянд, худро аз суҳбат дур мекашанд. Аммо, муоширати дӯстонаву ҳалимона метавонад самаранокии ёрии паллиативиро афзун намояд.

**Муносибати бисёрҷонибаи касбӣ.** Барои ноил шудан ба самараи бештар ба бемор табибони соҳаҳои гуногун, кормандони соҳаи иҷтимоӣ, равоншиносонро ҷалб намудан ба манфиат хоҳад буд.

**Дастгирии хешовандон.** Дар мавриди бемордорӣ на танҳо худи бемор, балки наздикон низ ҳолати стрессро аз сар мегузаронанд. Аз ин рӯ, онҳо низ ба дастгирии равонӣ ва омӯзиши қоидаҳои нигоҳубин ниёз доранд.

Маврид ба зикр аст, ки Китоби сафед ҳуҷҷати Ассотсиатсияи Аврупоии Кумаки Паллиативӣ буда, он барои муттаҳид сохтани стандартҳо ва меъёрҳои хоспис ва тибби паллиативӣ сохта шудааст ва заминаи ташкили чунин хизматрасониҳо дар бисёр кишварҳо мебошад.

Рӯйхати бемориҳое, ки барои онҳо одам метавонад ба кумаки паллиативӣ ниёз дошта бошад, хеле васеъ аст: инҳо, албатта, бемориҳои саратонӣ мебошанд, аммо илова бар онҳо, бемориҳои сироятӣ, осеби мағзи сар, артроз ва артрит, фалаҷи мағзи сар, бемориҳои хун ва бемориҳо системаи асаб ба рӯйхат дохил карда шудааст.

**Се намуди ёрии паллиативӣ мавҷуд аст:**

Хоспис, ки ҳадафи асосии он нигоҳубини ҳамаҷонибаи беморон, ба мисли ҷисмонӣ, рӯҳӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Хоспис тамоми мушкилоти бемории табобатнашавандаро ҳал мекунад, аз ҷумла бо манзил дар рӯзҳои охири ҳаёт ва паст кардани дардҳои вазнин. Сабабҳои ин бемории табобатнашаванда дар марҳилаи шадид, синдроми дард аст, ки онро дар хона бoздоштан мумкин нест.

**Терминалӣ** - ин ёрии ҳамаҷонибаи паллиативӣ барои бемор дар рӯзҳои охири ҳаёташ мебошад;

**Кумак барои истироҳат** - дар рӯзҳое расонида мешавад, ки то хешовандони ба нигоҳубини бемор ба тавре доимӣ машғул буда, имкони истироҳат дошта бошанд. Инро мутахассисон дар беморхонаҳои рӯзона, шӯъбаҳои хоспис ё дар хонаи бемор анҷом медиҳанд.

Тартиби расонидани ёрии паллиативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1 ва 59 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ёрии паллиативӣ маҷмӯи тадбирҳои тиббиест, ки беморро аз дард ва дигар зуҳуроти беморӣ раҳо мекунад, барои беҳтар кардани сифати зиндагии бемори табобатнашаванда андешида мешавад. Он метавонад аз ҷониби кормандони тиббии ботаҷриба ҳам дар шароити амбулаторӣ ва ҳам дар беморхона таъмин карда шавад.

Фармони Вазорати тандурустӣ дар бораи тартиби расонидани ёрии паллиативӣ ба таври муфассал муқаррар кардааст, ки он бояд дар куҷо, чӣ гуна ва аз ҷониби кӣ пешниҳод карда шавад. Тибқи фармони мазкур инчунин қоидаҳои ташкили хосписҳо ва хонаҳои пиронсолон муайян карда шудааст.

Таъмини кумаки паллиативӣ ба беморон инчунин бо якчанд қоидаҳои тиббии соҳа, аз қабили кӯмаки паллиативӣ аз саратон, ВНМО, шуоъҳо ва химиотерапия танзим карда мешавад.

**Кумаки паллиативӣ ба беморон бо се роҳ ташкил карда мешавад:**

**Дар хона.** Нигоҳубини паллиативӣ дар хона танҳо дар сурате ташкил карда мешавад, ки бояд ба муттасилии кумаки беморхонаҳо, аз ҷумла дард, ҳамширагӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва равонӣ асос ёбад. Азбаски дар мамлакати мо то ҳол хосписҳо ва шӯъбаҳои ҳамширагӣ хеле каманд, бисёри беморон маҷбуранд, ки пас аз табобат ба хонаҳояшон раванд, ки ба онҳо танҳо хешовандонашон нигоҳубин мекунанд. Ин усул маънои онро надорад, ки мутахассис шабонарӯз дар назди бемор бошад. Аксари ташвишҳо то ҳол ба дӯши хешовандон меафтанд, ки баъзан маҷбуранд барои нигоҳубини беморон корро тарк кунанд;

**Статсионарӣ (беморхонавӣ).** Расонидани ёрии паллиативӣ инчунин дар шароити беморхона - дар шӯъбаҳо ва шӯъбаҳои махсуси ҳамширагӣ дар беморхонаҳо, дар хосписҳо ва хонаҳои пиронсолон пешбинӣ шудааст. Кумаки стационариро шабонарӯзӣ кормандони махсуси тиббии ботаҷриба мерасонанд, ки дахолати тиббиро барои рафъи дард, дар беморхона хобидан, ғизо, дастгирии психологии бемор ва оилаи ӯ ва ғайраро ташкил медиҳад.

## Равишҳо ва усулҳо

**Кумаки паллиативӣ аз се равиш иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ аҳамият доранд:**

**Рафъи дард.** Барои ин, табобати симптоматикӣ гузаронида мешавад, ки зуҳуроти шадиди дардро, ки аз сабаби беморӣ ба вуҷуд омадаанд, сабук мекунад. Ҳадафи чунин табобат ба даст овардани сифати баландтарини ҳаёт барои бемори табобатнашаванда мебошад. Аксар вақт, дард дар марҳилаҳои охири беморӣ пайдо шуда, вазифаи муҳофизатии худро гум мекунад ва ба омили гарони ҳаёти бемор мубаддал мегардад. Барои самаранок рафъ намудани дард, лозим аст, ки табиати онҳо дақиқ арзёбӣ гардад, усули мубоеизаро интихоб ва барои бемор нигоҳубини дуруст кардан зарур аст. Масалан, бо дардҳои шадиди ҷарроҳӣ, ки дар натиҷаи мигренҳо (дарди сар) ба амал омадаанд, худидоракунии рафъи дард метавонад танҳо ҳамлаҳои навро ба вуҷуд орад. Мутахассиси тибби паллиативӣ, алахусус асабшинос, барои бемор табобати дурустро таъин мекунад, маҷмӯи чорабиниҳоро барои барқарорсозии ҷисмонӣ маслиҳат медиҳад, реҷаи дурусти ҷарроҳиро таҳия мекунад.

**Дастгирии равонӣ.** Ҳам худи бемор ва ҳам аҳли хонавода ҳангоми бори аввал бо натиҷаи ташхис шинос шудан, ҳолати стресси шадидро аз сар мегузаронанд, ки зуҳуроти шадиди он ҳам радди пурраи беморӣ ва ҳам рушди ҳолати депрессияи амиқ мебошанд. Бемории шадид, бистарӣ шудан, ҷарроҳӣ, тағир додани тарзи зиндагӣ, маъюбии эҳтимолӣ ва таҳдиди марг ба ҳолати равонии бемор таъсири манфӣ мерасонад. Хешовандон низ одатан беморро аз ҷиҳати равонӣ дастгирӣ карда наметавонанд, зеро худи онҳо ҳолати стрессро аз сар мегузаронанд. Кумаки паллиативӣ кори равоншиносонро ҳам бо бемор ва ҳам бо наздикони ӯ дар бар мегирад. Баъзан ихтиёриён ба ин кор ҷалб карда мешаванд ва камбудиҳои эҳтимолии беморро ҷуброн мекунанд;

**Дастгирии иҷтимоӣ.** Мушкилоти равонӣ бо дарки мушкилоти иҷтимоӣ, ки аз ҳисоби хароҷот барои табобат ва нигоҳубин ба вуҷуд омадаанд, шадидтар мешаванд. Бисёре аз беморон мушкилоти моддӣ доранд, касе бояд шароити зиндагии худро беҳтар кунад, аммо хеле кам аз имтиёзҳои иҷтимоие, ки барояшон дастрас аст, огоҳанд. Аз ин рӯ, кумаки паллиативӣ дастгирии иҷтимоиро барои оилаи бемор дар бар мегирад. Мутахассис вазифадор аст, ки якҷоя бо табибон нақшаи офияти иҷтимоиро таҳия намояд, беморро дар бораи ҳуқуқҳо ва имтиёзҳояш огоҳ созад ва барои ба даст овардани онҳо кӯмак расонад.

Гарчанде ки ёрии паллиативӣ беморро табобат карда наметавонад, аммо он ба ҳолати умумии бемор таъсири мусбат мерасонад. Ва илова бар амалҳои тиббӣ, ғамхории салоҳиятнок барои беморони табобатнашаванда ва оддӣ пиронсолон низ дар сабук кардани азоб нақши муҳим мебозад.

**Фирдавс РАУПОВ,**
**сардори Шӯъбаи таълим ва ташкилию методии МД "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии кори ҳамширагӣ", унвонҷӯи кафедраи бемориҳои**



авҷ гирифтани касалиҳои дил ва роҳҳои хунгарди он, махсусан стенкордия, бемории ишшемикии дил ва баланд шудани фишори хун мегардад.

Бо ҳадафи пешгири аз гирифторӣ ба чунин маризиҳо бояд аз рӯи маслиҳати табиб амал намуда, бештар дар ҳавои тоза сайругашт намуд. Барои пурқудрат ва муқовимпазир намудани ҷисм дар муқолиби чунин бемориҳо пурзӯр намудани қувваи муҳофизатии он зарур аст. Барои пурқувват шудани иммунитет бештар меваю сабзавоти тару тоза ва хӯрокҳои серғизо тавсия дода мешавад.

сахту бирёнӣ ва тунту тез худдорӣ намоянд.

## Бемориҳои системаи асаб

Дар фасли тарамоҳ бо имили кӯтоҳ шудани рӯзҳо, норасоии нӯрҳои ултробунафш, норасоии витаминҳо ва ғайра ба системаи асаби қисме аз инсонҳо таъсири манфӣ мерасонад, ки дар натиҷа бемориҳои системаи асаб дар организм сар мезананд. Ҳамин аст, ки дар ин фаст бемориҳои монанд ба невроз, психоз, асабоният, бехобӣ ва дигар иллатҳои системаи асаб рӯ мезананд.

Ба назари мутахассисон сайругашт дар ҳавои кушод, ҷилавгирӣ аз

# ТАЪСИРИ САРДӢ БА ИНСОН

# ВА ХУРУҶИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ ДАР ИН ДАВРА

**Ҳамакнун аҳли башар дар миёнаи фасли тирамоҳ қарор дошта, дар тарадуди пешвозгирии зимистон аст. Тирамоҳ бо фасли раззин ва даврони ғуну чини ҳосили деҳқон ва фаровонҳосилӣ, барои инсонҳо маҳбубият дорад, аммо дар ин миён зуҳури бемориҳои мавсимӣ ва бо якбора паст шудани ҳарорати ҳаво ва ҳамзамон риоя нашудани қавоиди беҳдоштӣ, инчунин ба миён омадани бемориҳову афзун намудани ҳолати бемориҳои музмин дар организм, инсонҳои зиёдеро ба ташвиш фаро мегирад. Аз меъёр паст шудани ҳарорати ҳаво дар ин фасли сол ба сиҳатии инсонҳо бетаъсир намемонад.**

**Аз рӯи мушоҳидаҳо ҳамакнун якбора ҳарорат аллакай хеле поён фаромадааст ва минбаъд ҳаво боз ҳам сардтар мешавад. Ин ҳолат қонуни табиат аст, аммо боз ҳам зиёд шудани бемориҳои мавсимӣ ва хоссатан зуком, ки бо бемории фарогири каронавирус нишонаҳои монанд дорад, дар ин фасл афшоиш меёбад, ки ин ҳолат боиси ташвиши мардум хоҳад шуд. Ҳамакнун мо тасмим гирифтем, перомуни якчанд бемориҳои мавсимӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз гирифторӣ ба онҳо маълумоте пешниҳод намоем.**

## Зӯком ва роҳҳои пешгирӣ аз гирифторӣ ба он

Беморие, ки аз ҳама бештар дар фасли тирамоҳ хуруҷ мекунад, зӯком аст. Асбаки ҳарорати ҳаво субҳу шом каме сард хоҳад буд сокинон аз пӯшидани либосҳои нисбатан гарм худдорӣ мекунанд. Маҳз ҳамин омил сабаб мешавад, ки кас ба зудӣ шамол кашида, ба зӯком гирифтор шавад.

Зуком дар натиҷаи варами луобпардаи бинӣ ё гулӯ, ҳисси хушк шудани қисми болоии роҳи нафас ва сӯзиши он, ҳамчунин атса задан пайдо мешавад. Баъди чанд рӯз оби бинию луоб хеле зиёд меояд. Авзои бемор тағйир меёбад, ҳарорат, одатан мӯътадил ва ё боло мешавад. Бо вуҷуди ин, мариз сарашро вазнин ҳис мекунад, қобилияти корӣ паст, бо бинӣ нафас гирифтан душвор мегардад.

Ҳангоми зуком чунин тадбирҳои пешгирӣ ва табобатӣ гузаронида мешаванд, бештар нӯшидани чой, мувофиқи тавсияи духтур истеъмол кардани доруҳо, антибиотикҳо ва ғайра. Аз табобати саривақтии зуком сар кашидан ва иҷро накардани тавсияи духтур муҷиби инкишофи зукоми музмин мегардад. Бояд дар хотир дошт, ки илтиҳоби бардавоми луобпардаи узвҳои нафас ба раванди мӯътадили нафасгирӣ халал ворид месозад. Дар ҳар сурат зимни гирифтор шудан ба бемории зиком риояи гигенаи шастӣ ва истифодаи ниқоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ заминаи пешгирии хуруҷӣ маризӣ дар ҷомеа хоҳад буд.

## Бемориҳои дил, рагҳои хунгард ва роҳҳои пешгирии он

Ҳавои сарду боронӣ натанҳо табъи инсонро хира месозад, балки ба қалби одамизод низ бе таъсир намемонад. Аз таъсири боду ҳаво фасли тирамоҳ боиси

## Захми меъдаву рӯда ва роҳҳои ҷилавгирии он

Шахсоне, ки меъда ё рӯдаи дувоздаҳангуштаашон захм дорад, бояд дар мавсими тирамоҳу зимистон хеле эҳтиёткор бошанд, зеро ин бемориҳо дар ҳамин фаслҳои сол бештар хуруҷ менамоянд. Тағйирёбии боду ҳаво ё реҷаи корӣ ва стресс метавонад боиси шиддат гирифтани ин касалиҳо шавад. Системаи меъдаву рӯда-системаи муҳимтарин дар организми инсон аст, ки бо алоқамандӣ бо ғизо, яъне равандҳои ҳазмкунӣ ва ихроҷи моддаҳо аз бадан маҳдуд намешавад. Наздики 60% ҳуҷайраҳои системаи муҳофизатии организм дар рӯдаҳо буда, 80-90% серотонинҳормони «хушбахтӣ» дар ҳамон ҷо коркард мешавад.

Қобилияти организм ба нигоҳ доштани функсияи солими системаи меъдаву рӯда ва солим шудани рӯда ҳангоми маризӣ на танҳо барои муҳофизат аз бемориҳои гуногун, балки барои монеа шудан ба рушди раванди фарбеҳшавӣ лозим аст. Мавриди ба зикр аст, ки аз рӯи мураккабии сохти дорои функсияҳои зиёд будан ва ҳамгироии он бо дигар қисмҳои организм, барқарорсозии системаи меъдаву рӯда кори саҳл нест. Ҳамин аст, ки барои пешгирии хуруҷи дарди меъдаву рӯда ба парҳез риоя кардан лозим аст. Табибон тавсия медиҳанд, ки гирифторони бемориҳои захми меъдаву рӯда аз хӯрдани хӯрокҳои

асабоният, истеъмоли доруворӣ бо маслиҳати табиб, инчунин машғул шудан ба шуғли дустдошта ба манфиати кор хоҳад буд.

## Бемории ҷоғар ва роҳҳои пешгирии он

Ба иқрори мутахассисони соҳавӣ дар тирамон бемории ҷағар эҳтимоли афзиш ёфтан миёни аҳолӣ дорад. Мутахассисони соҳаи тандурустӣ мегӯянд, ки сабаби асосии мубтало шудан ба бемории ҷоғар норасоии йод дар бадани одам аст. Яке аз нишонаҳои ҷоғар варами қисми пеши гулӯ мебошад. Аломатҳои дигар, хасташавии зиёд, араққунӣ, пастшавии қобилияти фикррониӣ ва азхудкунӣ дар хониш, қадпастии кӯдак, асабоният, дилтангӣ, пастшавии қобилияти биниш ва шунавоӣ, вайроншавии кори дил, дарди сар, бемадорӣ, сустшавии қобилияти меҳнатӣ, нафастангӣ, дилзанӣ, маънидод мегардад. Инкишофи ҷисмонии кӯдакони мубталои ҷоғар суст мешавад, зеро он ба системаи хунгарди инсон таъсир расонида, фаъолияти дурусти баданро халалдор мекунад.

Гуфта мешавад яке аз роҳҳои эмин мондан аз гирифторӣ ба бемории ҷоғар истеъмоли хӯроки муфид ва парҳез ба шумор меравад. Дар чунин шароит хӯрокҳои дорои миқдори зиёди йод дар шакли органикӣ тавсия дода мешавад.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

# ДАСТОВАРДҲОИ КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ ХУҶАНД ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ НАЗАРРАСАНД

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули 30-соли соҳибистиқлолӣ зери роҳбарӣ ва ҳидоятҳои маънавибунёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузург ва шоёни таҳсин дар заминаҳои мухталиф ноил гардид.**



- Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи санаҳои муҳимтарини таърихӣ ва миллии мо бузургтарин ва муқаддастарин ҷашн ба ҳисоб меравад. Ин неъмати бузург баробари ба даст омаданаш, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми бузурги Тоҷикистони азиз овард. Барҳақ, истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ, соҳибихтиёрӣ ва бузургии миллат аст, ки сиёсати дохилию хориҷӣ, иқтисодӣ, вазъияти иҷтимоиву фарҳангии миллатро ривоҷу равнақ медиҳад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду тамаддунофари тоҷик аст,- мегӯяд директори Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исхоқӣ" Алимат Мавлонзода.

Қайд кардан ба маврид аст, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи тандурустӣ фаъолияти коллеҷҳои тиббии кишвар низ назаррас ва шоёни таҳсин мебошад.

Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи профессор Ю.Б. Исхоқӣ" (собиқ Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи академик И.П.Павлов) бори нахуст тибқи нишондодҳои бойгонии давлатии марказии РСС Тоҷикистон соли 1932 дар шаҳри Хуҷанд ҳамчун «Техникуми тиббӣ» кушода шудааст. Ҳамин тавр, солҳои 1933 -1934 «Техникуми тиббӣ» ба факултаи «Кормандони тиб» муттаҳид карда шуда, он ҳамчун «Комбинати тиббӣ-таълимӣ» номгузорӣ карда шуд.

Соли 1955 «Техникуми тиббии ба номи академик И.П.Павлов» ба «Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд» табдил дода шуда, он ба тобеияти Вазорати тандурустии РСС Тоҷикистон дохил гардид. Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1999, таҳти №100 «Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд» ба «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд» табдили ном карда, коллеҷи мазкур аз соли 2010 ба тарзи кафедравии таълим шурӯъ намуд.

Дар давраи фаъолияти хеш коллеҷи мазкур ҳазорон мутахассисони соҳибтаҷрибаро тарбия намудаву ба бозори меҳнат баровардааст, ки онҳо имрӯз дар самти таъмини солимии аҳолии мамлакат саҳми назарраси хешро гузошта истодаанд.

Тавре зимни суҳбат ба мо директори Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исхоқӣ" Алимат Мавлонзода иброз дошт, аз соли 2012 то моҳи апрели соли 2021 зиёда аз 50 нафар донишҷӯёни коллеҷи мазкур дар озмунҳои ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанҳои таълимӣ иштирок кардаву ҷойҳои намоёнро ишғол намуда, бо ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд. Инчунин, моҳи



майи соли 2014 Олимпиадаи ҷумҳуриявии фанҳои тахассусӣ дар Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд баргузор гардида, дар он донишҷӯи бахши 4-уми «Кори умумитиббӣ»-и коллеҷ

Мамадҷонов Сироҷиддин сазовори ҷои сеюм гардид.

Аз гуфтаи директори коллеҷи мазкур бармеояд, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ донишҷӯёни муассисаи номбурда дар озмунҳои фаннии вилоятӣ ва шаҳриву ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳо намоён гардидаанд, ки ин албатта, боиси таҳсин аст.

Воқеан ҳам иштироки фаъолонаи донишҷӯёни коллеҷи мазкур дар озмунҳои фаннии ҷумҳуриявӣ гувоҳи он аст, ки раванди таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, роҳбарияти он кӯшиш ба харҷ медиҳанд то барои донишомӯзии донишҷӯён тамоми шароит ва имконоти мусоид фароҳам бошад.

Аз ҷумла 9 апрели соли 2021 комиссияи Озмуни дохиликоллеҷии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» байни омӯзгорон ва ҳамзамон байни донишҷӯёни "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исхоқӣ" мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2020, №АП-1339 тартиби озмун, лаёқат, малака ва маҳорати иштирокчиёнро таҳлил ва натиҷагирӣ карда, ғолиби даври аввали Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» байни омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаро муайян намуд. Ҳамин тавр, дар озмун 18 нафар омӯзгорон аз ҳамаи кафедраҳо ва 15 нафар довталабон аз тамоми факултетҳои муассиса дар доираи талаботи озмун оид ба азёд намудани осори манзум ва мутолиаи осори мансур малака ва истеъдоди худро нишон доданд, ки 10 нафар омӯзгорон ва 10 нафар донишҷӯён ба давраи дуюм роҳхат гирифтанд.

Мувофиқи қарори Раиси вилояти Суғд аз 30.03.2021, №143 Дар бораи ташкил ва гузаронидани Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб - 2021» санаи 14 майи соли



2021 бо мақсади намоиш додани дастовардҳои ҳунарию фарҳангии 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳунарҳои мардумӣ, Фестивал – озмуни «Андалеб - 2021» дар толори муассиса аз рӯи ҳашт наминатсия ва бо иштироки донишҷӯёни ҳунарманд дар сатҳи баланд гузаронида шуд.

Аз суҳбат бо директори коллеҷи мазкур муайян гардид, давоми 30 соли истиқлолияти давлатӣ муайян гардид, ки муассисаи мазкур сол то сол дар самти таъмин намудани шароити беҳтарин баҳри таълими донишҷӯён кӯшишҳои назаррасро анҷом дода истодааст. Махсусан, аз соли 2002 ин ҷониб дар коллеҷ хариди ашёи лозима оғоз гардида, айни замон муассиса бо навтарин лавозимот ва таҷҳизот барои таълим таъмин мебошад.

- Дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади дарёфти донишҷӯёни беҳтарин дар самти илмомӯзӣ, фарҳангдӯстӣ, хештаншиносӣ ва меҳанпарастӣ ҳамасола байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят озмуни "Донишҷӯи сол" баргузор мегардад. Донишҷӯёни болаёқати Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд дар озмуни мазкур фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён, аз ҷумла ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд.

Боиси шодмонист, ки дар тӯли соҳибистиқлолии кишвар зиёда аз 26-нафар Гирандагони стипендияи Раиси вилояти Суғд, 4-нафар Гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31-нафар Гирандагони стипендияи раисони шаҳру навоҳии вилоят гардидаанд",- дар идома қайд кард директори Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исхоқӣ" Алимат Мавлонзода.

Ҳамзамон, ёдовар шудан ба маврид аст, ки 10 сентябри соли равон дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ба сохтмони бинои иловагии Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ба номи профессор Ю. Исхоқӣ" санги асос гузошта шуд.

Дар маросими оғози корҳои сохтмонӣ муовини якуми Сарвазири мамлакат Давлаталӣ Саид, Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода, ҳайати меҳмонон аз вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Узбекистон иштирок карданд.

Тибқи лоиҳа, бино 4095,40 м2 масоҳат дошта, аз 4 ошёна ва 1 таҳхона иборат мебошад, ки барои сохтмони он тибқи харҷнома, сенздаҳ миллион сомонӣ сарф мегардад.

Дар бино 5 адад утоқи корӣ, 17 адад синфхонаи таълимӣ барои 510 нафар донишҷӯён ба нақша гирифта шудаанд.

Инчунин дар таҳхона ошхона, 1 адад утоқи кории бойгонӣ, 1 адад синфхонаи компютерӣ ва китобхонаи электронӣ барои 100 нафар донишҷӯ ва 1 адад утоқи корӣ ба истифода дода мешавад.

Айни замон дар коллеҷ 275 нафар, аз онҳо 1 нафар номзади илми тиб, 3 нафар докторант, зиёда аз 10 нафар аспиранту унвонҷӯ, 52 нафар сармуаллим, 29 нафар ассистент, 107 нафар коромӯз ва 73 нафар магистрант фаъолият бурда истодаанд. Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз соли 2018 низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи профессор Ю. Исхоқӣ ба роҳ монда шудааст.

Теъдоди умумии донишҷӯён 4098 нафарро ташкил дода, аз рӯи ихтисосҳои кори момодоягӣ, кори тиббӣ-ташхисӣ, кори ҳамширагӣ, кори табобатӣ, кори дандонсозӣ, кори фарматсевтӣ, кори тиббӣ-офиятӣ, кори тиббӣ-профилактикӣ таҳсил мекунанд.

**Хусрав ШОСАИДОВ**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ:

## РУШДИ БЕМАЙЛОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ИСФАРА ТАЪМИН ГАРДИД



**Таибиддин МУХАМЕДОВ,**
сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Исфара

Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷик имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизи худро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоянд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳуввият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Истиқлолият барои мо рамзи олии ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонида, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки сӣ сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ-Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Мусаллам аст, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ рушду пешрафти тамоми соҳаҳо дар мамлакат таъмин карда шуд. Аз ҷумла, дар баробари дигар самтҳо соҳаи тандурустӣ низ дар кишвар зери таваҷҷуҳи махсуси Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, бахри таъмини солимии аҳолӣ тамоми шароит ва имконоти мусоид фароҳам оварда шуд.

Қобили зикр аст, ки дар ин давра соҳаи тандурустӣ ҳамчун самти афзалиятноки Ҳукумати Тоҷикистон қарор гирифт. Аз ҷумла бахри таъмини рушди босуботи соҳаи тандурустӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор барномаву стратегия ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими соҳавӣ қабул гардиданд, ки бо татбиқи онҳо сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ дар кишвар боз ҳам баланд бардошта шуд.

Махсусан, вазъи бемориҳои сироятӣ ва ниҳоят хафнок дар ин давра дар кишвар муътадил ва идорашаванда гардида, дар ин самт низ дар мамлакат якчанд барномаву ҳуҷҷатҳои муҳим қабул ва дар амал татбиқ шуда истодаанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки маҳз бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Роҳбарияти олии кишвар сохтмони иншоотҳои тандурустӣ низ дар ин давра дар мамлакат ба ҳукми анъана даромада, дар тамоми манотиқи кишвар муассисаҳои тандурустӣ, хосатан бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатӣ ва беморхонаҳои хуштарҳу замонавӣ бунёд ва бо таҷҳизоти муосир таъмин гардида, ба истифода дода шуданд.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо дар ҷараёни сафарҳои кории хеш ба шаҳру навоҳии гуногуни кишвар бо иштироки Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ муассисаҳои тандурустӣ ифтитоҳ ва мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки ин аз таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари давлат ва Ҳукумати мамлакат ба соҳа дарак медиҳад.

Давоми солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ чун дигар шаҳру навоҳии мамлакат соҳаи тандурустӣ низ дар шаҳри Исфара ба таври бесобиқа рушду пешрафт намуда, ба дастовардҳои муҳиму назаррас, қобили таваҷҷуҳ ва ситоиши арзанда шарафёб гардид.

Мардуми сарбаланд ва шукргузори шаҳри Исфара низ ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри пешрафт ва шукуфоии Ватани азизамон якдилона камари ҳиммат баста, саҳми арзишманди худро бахри пешрафти кишвари азизамон гузошта истодаанд.

Қобили зикр аст, ки аҳолии шаҳри Исфара 279575 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо кӯдакони то синни 18 – сола 103016 нафар, занҳо 138776 нафар, занҳои қобили таваллуд 74900 нафар ва кӯдакони синни то 1 – сола 5163 нафар мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар шаҳри Исфара 77 муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла 1 адад Беморхонаи марказии шаҳрӣ дорои 777 кати табобатӣ, Беморхонаи пусту таносул бо 30 кат, 5 адад беморхонаҳои минтақавии деҳотӣ бо 200 кат, Маркази мубориза бар зидди бемории сил бо 25 кат, Маркази наркологӣ бо 10 кат, 4 адад Маркази саломатии шаҳрӣ, 15 адад Маркази саломатии деҳотӣ, 23 адад бунгоҳҳои саломатӣ, 1 адад Маркази иммунопрофилактика, 1 адад Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, 1 адад Маркази репродуктивии ноҳия, 5 адад нуқтаи ёрии таъҷилӣ, 1 адад Маркази пешгирии ВНМО, 1 адад Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, 1 адад Маркази бемориҳои руҳӣ, 1 адад Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва намояндагии як қатор марказҳои ташхисии давлативу ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд.




Инчунин, дар шаҳр шумораи мутахассисони соҳаи тандурустӣ 2128 нафарро ташкил дода, аз ин шумора мутахассисони дорои маълумоти олӣ дошта 183 нафар, мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ дошта 1055 нафар ва дигарон 890 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар шаҳри Исфара таъминнокӣ ба 10000 аҳолӣ бо мутахассисони дорои маълумоти олӣ 6,5 ва бо мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ 37,7 – ро ташкил медиҳад.

Нақшаи катрӯзи муассисаҳои сохтори бистарикунонии шаҳр дар нуҳмоҳаи аввали соли 2021–нақшаи рӯзи кат 236187, катрӯзҳо 146075, иҷроиш 61,8% - ро ташкил дода муқобили шашмоҳаи аввали соли 2020 нақшаи рӯзи кат 236187, катрӯз 160274 иҷроиш 67,9% мебошад.

Маврид ба зикри хос аст, ки бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақша-чорабинӣ тартиб дода шуда, дар асоси он як қатор корҳои муҳиму назаррас ба сомон расонида шуданд.



Аз ҷумла, барои дар сатҳи зарурӣ расонидани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар Беморхонаи минтақавии №1-и ҷамоати Ворух таҳлилгоҳ ба кор оғоз намуда, он ба маблағи 10840 сомонӣ бо таҷҳизот ва бо маблағи 9240 сомонӣ реактивҳо харидорӣ гардид. Инчунин, дар беморхонаи мазкур шӯъбаи паталогоанатомӣ (МОРГ) ташкил карда шуд.

Ҳамзамон, шӯъбаи бачагонаи Беморхонаи минтақавии №2-и ҷамоати Чоркуҳ аз таъмири куллӣ бароварда шудаву бо лавозимотҳои зурурӣ ҷиҳозонида шуда, намуди берунии бино ва шуъбаи ёрии таъҷилии беморхонаи мазкур аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ ба маблағи 1 млн 200 ҳазор сомонӣ аз таъмир бароварда шуд. Инчунин, дар Беморхонаи минтақавии №3-и ҷамоати Чилгазӣ шуъбаҳои он ба маблағи 447146 сомонӣ аз таъмир бароварда шуданд.

Дар Беморхонаи №4-и шаҳраки Шӯроб бошад, соли ҷорӣ бахшида ба Рӯзи касбии кормандони тибби Тоҷикистон ва ба истиқболи сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои ободониву бунёдкорӣ ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла таъмири пардозии намуди берунии бинои Беморхонаи марказии шаҳр, ҳамворкунии роҳравҳои асосии он ва насби шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба анҷом расонида шуда, намуди берунии беморхона зебову ороста карда шуд.

Инчунин, дар Беморхонаи марказии шаҳри Исфара бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси беморхона шӯъбаҳои он бо таҷҳизот ва лавозимоти тиббии замонавӣ таъмин карда шуданд.

Дар ин росто қайд кардан ба маврид аст, ки бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Беморхонаи минтақавии №2-и ҷамоати Чоркуҳ сохтмони бинои иловагии Нуқтаи ёрии таъҷилӣ ба маблағи 500000 сомонӣ, сохтмони шӯъбаи асабшиносӣ ба маблағи 200000 сомонӣ ва бинои қабул ба маблағи 70000 сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорон ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, бо мақсади ободу кабудизоркунӣ дар дохил ва ҳудуди беморхонаи марказӣ 60 адад дарахтони арча, зиёда аз 3000 дона гулҳои садбарг, дар назди шӯъбаи қабул бошад, 2000 дона гулҳои мавсимӣ шинонида шуданд, ки ҳусни муассисаро боз ҳам зеботар намуданд.

Барои ташхисгузории саривақтӣ дар беморхонаи марказии шаҳр рентгени рақамӣ ба истифода дода шуда, инчунин дар он таҳлилгоҳи вирусологӣ насб гардид, ки рӯзҳои наздик ба фаъолият оғоз хоҳад намуд.

Моҳи августи соли равон бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии кишвар дар назди шӯъбаи сироятии Беморхонаи марказии шаҳр насби як сехи оксигенбарорӣ низ оғоз гардид, ки он дар арафаи ба истифода додан мебошад.

Албатта, дар як матлаб нометавон он ҳама дастовард ва муваффақиятҳои соҳаи тандурустии шаҳри Исфараро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ҷой дод. Ё ба таъбири дигар, матлаби мо танҳо қатрае аз баҳр мебошад, ки аз садҳо дастовардҳои соҳаи тандурустии шаҳр дар даврони Истиқлолият ҳамагӣ чанд то зикр намудем.

Дар охир кулли ҳамватанони азизро ба 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон сидқан шодбош намуда, бароишон саломативу сарбаландӣ ва муваффақиятҳои беназирро хоҳонам.

# ТАИ СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИ КОМИЛИ МИЛЛӢ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ШАҲРИ БӮСТОН БА ДАСТОВАРДҲОИ БЕНАЗИР НОИЛ ГАРДИД

**Соҳаи тандурустӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи афзалиятнок эътироф шуда, дар доираи татбиқ ва роҳандозии барномаҳои гуногуни давлатӣ дар ин самт корҳои муайян ба анҷом расидаанд. Ҳамин аст, ки дар давоми қариб се даҳсолаи охир ва ё таи солҳои Истиқлоли комили миллӣ соҳаи тандурустӣ дар мамлакат бомаром рушд карда, то ба имрӯз ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст.**



**Зулола ИБРАГИМОВА,**
сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Бӯстон

Маврид ба тазаккур аст, ки дастовардҳои илмии соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррасиву амалии бахши тандурустии ҷаҳонӣ робитаи ногусастанӣ дошта, бо туфайли он дар қатори дигар кишварҳо бахши тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушду нумӯ пай намудааст. Аммо дар ин росто талошҳои пайвастаи роҳбарияти Олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини сиҳатии мардум дар заминаи рушди соҳаи тибб ва ҳарчӣ бештар беҳбуд бахшидан ба сатҳи хизматрасонии тиббӣ заминаи асли ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ гаштани хизматрасонии тиббӣ дар кишвар гаштааст.

Воқиеан имрӯз дар саросари мамлакат вазъи беҳдоштӣ дар сатҳи хуб ба роҳ монда шуда, дар беморхонаву муассисаи соҳаи тандурустӣ ҳатто амалӣ гардидани мушкилтарин ҷарроҳиҳо бароҳ монда шудааст, ки ин ҳама дастовардҳо пеш аз ҳама аз суботи ҷамъиятиву таваҷҷӯҳи хоссаи ҳукумати мамлакат ба сиҳатии омма нигаронида шудааст.

Соҳаи тандурустии шаҳри Бӯстон низ дар қатори динар минтақаҳои мамлакат аз самараи суботи комил ва Истиқлоли миллӣ ба хуби баҳравар гардида, дар давоми 30-соли Истиқлолият рӯ ба беҳбудӣ оварда ба якчанд дастовардҳо ноил гардид. Маврид ба тазаккур аст, ки баробари ба даст омадани Истиқлоли комили миллӣ рушди соҳаи тандурустӣ, ҳамчун мақоми ҳомии сиҳатии сокинон ва пешгирии хуруҷи бемориҳои сироятиву ғайрисироятӣ миёни ҷомеа, тахти таваҷҷӯҳи бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоссатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт, ҳамин назари некбинона буд, ки дар қатори дигар соҳаҳои муҳим самти тандурустӣ низ дар саросари мамлакат рӯшду намӯ пайдо кард. Дар ин давраи азнавсозиву бунёдкорӣ, беморхонаи марказӣ, муассисаи кӯмаки аввалияи тиббиву санитании шаҳри Бӯстон ба дастовардҳои илмиву амалӣ дастёб шуданд. Дар ин давра, ки беморхонаи марказӣ 16 шӯъба идорат аст пурра аз таъмири хушсифат бароварда шуда, шарту шароитҳо барои муолиҷаи беморон мутобиқ ба талаботи давр бароҳ монда шуд. Корҳои ободониву бунёдкорӣ ҳам дар беморхона ва ҳам дар КАТС ба анҷом расонида шуд.

Мавриди зикр аст, ки таи солҳои қаблӣ шӯъбаи бемориҳои сироятӣ, ки дар дохили беморхона қарор дошт бо дастури бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳудуди беморхонаи ҷудо карда шуд.

Ин иқдом дар ҳоле сурат гирифт, ки бемории фарогири коронавируси нави KOVID-19 зуҳур намуд ва зарурате пеш омад, ки шӯъбаи бемориҳои сироятӣ дар алоҳидагӣ ташкид гардад ва роҳҳои рафтуомади бо дигар шуъбаҳои беморхона баста шуда, даромадгоҳ ва шӯъбаи қабул барои беморхонаи сироятӣ ташк гардид ва он ба тариқи капиталӣ таъмир шуда, бо дастгоҳу лавозимоти нави соҳавӣ таъмин шуд.

Ҳамзамон дар ин дарва, биноӣ КАТС-и шаҳри Бӯстон, ки ба ҳадде фарсуда шуда буд, пурра аз таъмиру тармим баровардa шуд. Дар ин миён бо ҳадафи муҳайё намудани шароити хуби кориву маоишӣ барои кормандон ва муроҷиаткунандагон гирду атрофи муассисаи тандурустӣ бо сафолпӯш намудани роҳрав ва кодубизор намудани заминҳо ба марказҳои беҳдоштӣ ҳусни дигар бахшиданд. Дар ҳудуди беморхона дарахтони ҳамешасабз ва гулҳои ороишӣ шинонида шуд. Маврид ба тазаккур, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ шароити корӣ дар муассисаи тандурустии шаҳри Бӯстон ҷавобгӯй ба талаботи давр намуд, аммо бо рашофати ин неъмати бебаҳо соҳаи тандурустӣ дар ин минтақа рушд намуда, наздик ба ҳаммаи шӯъбаҳо аз ҷумла шӯъбаҳои амрози дил, даруни, таваллудхона ва бачагона ба гармкунии алтернативӣ гузаронида шуданд ва муассиҳа бо муосиртарин дастгоҳу лавозимоти тиббӣ таъмин шуданд.

Ин ҳам дар ҳолест, ки дар давоми солҳои Истиқлолияти комили миллӣ ба беморхона 4-адад нақлиёти ёрии таъҷилӣ дастрас карда шуд. Беморхона бо мутахассисон таъмин буда, мунтазам дарачанокии кории онҳо баланд бардошта шуда истодааст. Шӯъбаҳои беморхона бо Қарори №-600-и Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мебаранд, ки баҳри дастгирии духтурон ва ҳавасмандгардонии онҳо, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ мусоидат менамояд. Хусусан солҳои охир бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон якчанд намуди дастгоҳҳои муосири тиббӣ дастрас карда шуда, ташхис ва табобати беморон ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шуд. Хоссатан дар давоми соли сипаришуда, ба беморхонаи маркази шаҳр маводҳои тиббӣ ва дастгоҳҳои муосири тиббӣ ба маблағи зиёда аз 4- миллиону дусаду панҷоҳ ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки ин боиси боз ҳам беҳтар намудани кори табибон дар самти муолиҷа мебошад. Аз ҷумла як адад нақлиёти ёрии таъҷилӣ- реомобил замонавӣ буда бо тамоми таҷҳизотҳо муҷаҳаз мебошад.







Маврид ба тазаккур аст, ки таи солҳои охир ба муассисаи соҳаи тандурустии шарҳри Бӯстон номгӯи зиёди таҷҳизот ва лавозимоти тиббиву дорӯворӣ ворид шуданд, ки ин ҳолат боиси дар сатҳи баланд бароҳ мондани хизматрасонии тиббӣ заминаи гузошт. Аз ҷумла ворид шудани маниторҳои назди кат, бисерпар, мачмӯи кашиши барқи бо филтр, инфузоматҳо, насосҳои сузандору, дифибрилляторҳо, ларингоскопҳо, маниторҳои назди кати беморӣ, танометрҳо бо пулсоксиметраш, электрокардиографҳо, спирометрҳо, катҳои функсионалӣ, лампаҳои УФ, сузанбуракҳои баркӣ, ингуляторҳо «Небулайзер», танометрҳо бо стетаскоп, мизҳои манипулясионӣ, чевонҳои тиббӣ, аробаҳои маъюбӣ, консентраторҳои мобилии кислор, дастгохи рентгенӣ, пулсоксиметрҳо, генераторҳои оксигенӣ, УЗИ, дастгоҳҳои нафасдиҳандаи сунъӣ, филтрҳои кашиши баркӣ, дастгоҳҳои кашиши баркӣ, стабилизатори рентген, лампа барои муоинаи тиббӣ, таҷҳизоти ЭЧВЧ-350, моноблок, маводҳои безараркунанда, либосҳои яккарата ва бисёркарата барои табибон, таҷҳизоти маиши аз қабини телевизиор ва кодитсионерҳо ва ғ бо маблағҳои ҳамгуфт харидорӣ ва ворид карда шуданд.

Дар ин давраи таърихӣ муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳр низ ба як қатор дастовардҳо ноил шудааст. Аз ҷумла дар самти обод ва мумфарш намудани кӯчаю тангкӯчаҳо, бунёд ва таъмиру тармими бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатӣ ва муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои КАТС бо дастгоҳ ва лавозимоти тиббӣ як қатор корҳои амалӣ анҷом ёфт. Тибқи нақшаи тасдиқшуда марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббӣ дар соли 2019 аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ Маркази саломатии ҷамоати шаҳраки Палос ба маблағи 160 ҳазор сомонӣ аз таъмири куллӣ баровaрда шуда, бо мизу курсиҳо ва ҷевонҳо таъмин карда шуд. Дар соли 2021 ба маблағи умумии 77245 (ҳафтоду ҳафт ҳазору дусаду чилу панҷ) сомонӣ дар масоҳати 635 м.кв. саҳни ҳавлии биноӣ муассиса сафолакпӯш шуд. Имрӯз дар муассисаҳои соҳаи тандурустии шаҳри Бӯстон бо шароити мусоиди корӣ таъмин буда, муассисаҳо бо муосиртарин дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ таъмин ҳастанд. таваҷҷӯҳи хоссаи роҳбарияти Олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи тандурустӣ замина гузошт, ки барои муроҷиаткунандагон дар марказҳои саломатӣ шароити хуби хизматрасонӣ бароҳ монда шавад ва дар замина сатҳи сиҳатии омма нигоҳ дошта шавад.

Имрӯз дар амал татбиқ намудани дастур ва супориҳои роҳбарияти Олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар амал татбиқ намудани Стратегия ва барномаҳои миллии қабулгардида, пешгирии бемориҳои сироятиву ғайрисироятӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим миёни ҷомеа сармашқи кору пайкори ҳар як нафар корманди соҳаи тандурустии шаҳри Бӯстон аст. Мо дар ҳама ҳолат кушиш ба харҷ медиҳем, ки сазовори ин ҳама дастгириву ғамхориҳо нисбати соҳа бошем.



**Бахшида ба Рӯзи байналмилалии пиронсолон доир ба вазъи шароити зисту зиндагонии ин қишри ҷомеа дар Тоҷикистон бо Қудратулло Қурбонов, сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбате оростем:**

# ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИИ ПИРОНСОЛОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**-Муҳтарам Қудратулло Қурбонов, лутфан бигуед, ки вазъи хизматрасонии иҷтимоии пиронсолон дар ҷумҳурӣ дар кадом поя қарор дорад?**

- Масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии пиронсолон, ба хусус таъмини дастрасии онҳо бахизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣдар баробари дигар масъалаҳои иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистонб ашумормеравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур аҳамияти хоса дода мешавад. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони куҳансол тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи ветеранҳо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат тахти роҳбарӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла пиронсолон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки низоми миллии қонунгузории кишварро ташаккул дода, ҳуқуқ, кафолат ва имтиёзҳоро барои пиронсолон вобаста ба табобату тавонбахшӣ, солимгардонӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, меҳнат, манзил, таъмини нафақаву кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаётан муҳим муқаррар намудаанд.

Дар ин раванд, таъминоти нафақа яке аз пардохтҳои кафолатдодашудаи давлатӣ махсус меёбад, ки дар меҳвари сиёсати иҷтимоии мамлакат қарор дошта, мақсади асосии он дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон дар пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ дарозумрии эҳтимолӣ низ рӯ ба афзоиш дошта, дар соли 2020 он 75,6 солро ташкил додааст. Афзоиши дарозумрии эҳтимолии шаҳрвандон пеш аз ҳама ба рушди иқтисодии кишвар, аз ҷумла пешрафту тараққиёти соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста мебошанд. Аз тарафи дигар, афзоиши дарозумрии аҳолӣ – ин натиҷаи афзоиши сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум ба шумор меравад.

Дар низмои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бахри дар амал татбиқ намудани муқаррароти қонунгузории соҳавӣ як қатор муассисаҳо ва хадамоти иҷтимоӣ амал мекунанд, ки муассисаҳои статсионарӣ, марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон ва шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз қабили онҳо мебошанд.

Мутобиқи омори расмии кишвар дар айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 436 ҳазор шаҳрвандони калонтар аз синнусоли меҳнатӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 5% аҳолии кишварро ташкил медиҳанд.

Тавре ки аз Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, “соли 2020 барои тақвият бахшидани дастгирии иҷтимоии нафақахӯрону маъюбон, кӯдакони ятим ва оилаҳои камбизоат як қатор чораҳои судманд роҳандозӣ гардида, ба зиёда аз 700 ҳазор нафар сокинон аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба маблағи беш аз 250 миллион сомонӣ кумакҳои иловагии иҷтимоӣ пардохта шуданд”.

Бо мақсади идомаи тадбирҳои Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии давлатии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷониби Сарвари давлат пешниҳод гардид, ки аз 1–уми сентябри соли 2021 нафақаи маъюбон аз овони кӯдакӣ, ки дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин шудааст, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад.

Нафақаи кӯдакони маъюби то 18 - сола, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин шудааст, ба андозаи 20 фоиз, инчунин, нафақаи маъюбони гурӯҳи якум, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин гардидааст, ба андозаи 50 фоиз баланд бардошта шавад.

Ин иқдом имкон медиҳад, ки шароити иҷтимоии қариб 100 ҳазор нафар шаҳрвандон аз гурӯҳҳои осебпазир зикршуда беҳтар гардад.

Дар самти расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта ва бештар осебпазиранд, дар миқёси ҷумҳурӣ 43 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амал доранд, ки дар онҳо зиёда аз 820 нафар кормандон фаъолият карда, ҳамарӯза ба пиронсолону маъюбон хизмат мерасонанд. Чунончи, давоми 9 моҳи соли 2021 ба 5364 нафар пиронсолону маъюбон ва ба 901 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳбаладӣ расониданд.

Сатҳу сифати хизматрасонии иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат ба донишу малакаҳои роҳбарони ташкилоту муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста аст. Бинобар ҳамин ба 57 нафар роҳбарони шуъбаву бахшҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо ва 113 нафар кормандони иҷтимоӣ дар ҳаҷми 126 соат аз тарафи муассисаи давлатии “Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо” курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар самти “хизматрасонии иҷтимоӣ” гузаронида шуданд.

Ҷиҳати ҳарчӣ бештар расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон ва дигар шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар мамлакат 6 адад марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки ҷамъ 230 нафар кормандони маъмурию иҷтимоии ин муассисаҳо давоми нуҳ моҳи соли равон ба 986 нафар пиронсолону маъюбон хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расониданд. Ҳоло дар марказҳои минтақавӣ 131 нафар эҳтиёҷмандон муваққатан умр ба сар мебаранд. Дар назди қисме аз ин марказҳо бахшҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал карда истодааст, ки ба 826 нафар эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ мерасонанд.

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 сол мешавад, ки дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ барои беҳтар намудани сатҳу сифат ва камхарҷ гардонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ тибқи шартнома ҷалб карда мешаванд. Дар айни замон аз ҷониби вазорат тавассути Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ 48 адад марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд.

Аз ҷумла, 10 адад марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба кӯдакони маъюб ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта фаъолият намуда, 131 нафар кормандон ба 143 нафар шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расониданд.

Ҳамин тариқ, танҳо давоми 9 моҳи соли 2021 аз тарафи шабакаҳои хизматрасонии иҷтимоии болозикр дар ҷумҳурӣ ба 6493 нафар пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбон хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ ва тавонбахшии ҷисмониву равонӣ расонида шудааст.

Дар мавсими истироҳатии навбатӣ, ки аз моҳи май оғоз гардида буд, дар осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоби миёна зиёда аз 1970 адад роҳхатҳои ройгон ба имтиёздорон ҷудо карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар самти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Чунончи, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2021, №271 механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодааст.

Ба ҳолати 21 сентябри соли 2021 дар 68 шаҳру ноҳияҳо маълумоти 142 875 хонавода ба системаи иттилоотии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ (АСИСТ) ворид карда шуда, аз онҳо 121 712 хонавода ё оила барои гирифтани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ҳуқуқ пайдо намуданд, ки аз ин шумора шахсони яккаву танҳои пиронсол 1739 нафарро ташкил менамоянд. Шумораи гирандагони кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар маҷмӯъ бо дарназардошти гирандагони соли гузашта 244 412 нафар (оила) мебошад.

**- Аз тарафи СММ 1 октябр – Рӯзи байналмилалии пиронсолон эълон шудааст. Оё дар ҷумҳурии мо ин сана қайд карда мешавад?**

- Дар ҳақиқат 14 декабри соли 1990 Ассамблеяи генералии СММ бо қарори худ тахти №45/106 санаи 1 октябрро ҳамчун Рӯзи байналмилалии пиронсолон (ё худ одамони калонсол –«International Day of Older Persons») эълом доштааст.

Дар яке аз маърӯзаҳои Котиби генералии СММ гуфта мешавад, ки дар Рӯзи байналмилалии пиронсолон, ки 1 октябр ҷашн гирифта мешавад, ҳукуматҳо, бахши хусусӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамаи одамони сайёра бояд диққати худро барои бунёд намудани «ҷамъият барои ҳамаи синнусол» равона созанд... Бо ҷидду ҷаҳди умумӣ кишварҳо метавонанд ва бояд шароите фароҳам созанд, ки одамон на танҳо умри дароз бинанд, балки ҳаёти онҳо бо сифат, гуногунранг, пурарзиш ва қаноатмандона бошад.

Дар ибтидо Рӯзи пиронсолонро дар Аврупо, баъдан дар Америка ва дар охирҳои солҳои 90-ум аллакай дар тамоми ҷаҳон қайд менамоянд.

Ассамблеяи дуюм оид ба масъалаҳои пиршавӣ, ки соли 2002 дар Мадрид (Испания) баргузор гардид, ҷашни мазкурро дастгирӣ намуда, равандҳои асосии фаъолиятҳоро дар самти таъминоти иҷтимоӣ ва арзандаи одамон дар пиронсолӣ қайд намуд, ки аслан аз самтҳои зерин иборатанд:

*- беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ;*

*- баланд бардоштани даромадҳо;*

*- тақвият бахшидани таъминоти иҷтимоӣ;*

*- беҳтар намудани таваҷҷуҳи ҷомеа ба калонсолони худ;*

*- таъмин намудани шуғли муносиб барои онҳое, ки қуввату тавон ва хоҳиши кор карданро доранд.*

Дар ҷумҳурии мо ҷашни мазкур нахустин бор соли 1993 ҷашн гирифта шудааст. Он замон бо ташаббуси собиқ Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саросари ҷумҳурӣ, ба хусус дар тамоми муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ чорабиниҳои алоқаманд гузаронида шуданд. Дар сатҳи маҳаллӣ бошад, барномаҳои дастгирии иҷтимоии пиронсолон «Ғамхорӣ» қабул гардида, амалӣ карда мешаванд.

Соли ҷорӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва бо риояи муқаррароти санитарию эпидемиологӣ дар ташкилоту муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла хонаҳои пиронсолон ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии пиронсолон чораҳои зарурӣ анҷом дода мешаванд.

Мақсад аз эълон доштани ҷашни мазкур пеш аз ҳама – ин ҷалб намудани диққати ҷомеа ба мушкилиҳои одамони куҳансол, ба масъалаҳои пиршавии аҳолӣ ва ҳамчунин бахри пайдо намудани имкониятҳо ҷиҳати беҳтар намудани сифати зиндагии нафақахӯрон мебошад.

Чун қоида, пиронсолон гуфта одамонеро меноманд, ки ба синну соли нафақа расидаанд. Ғайр аз ин, чун анъана давраи пиронсолӣ асосан аз синни 75 сола боло фаҳмида мешавад.

Аз тарафи дигар, агар инсон солим бошад, тавонманду бардам бошад, қувваи кориаш бошаду фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намояд, пиронсол барои ӯ мафҳуми шартӣ ба ҳисоб меравад.

Дер ё зуд ҳама ба синни пирӣ мерасем ва ин ногузир аст. Аммо пиронсолӣ бартариятҳову афзалиятҳои худро дорад: ҳикмати кӯҳансолон, таҷрибаи ҳаётӣ, ҳурмати иззати ҷавонон ва ҳифзи иҷтимоии онҳо ин ҳама омилҳои фалсафаи пиронсолӣ мебошанд. Маҳз ҳамин омилҳо буданд, ки ҷашни мазкур ба вуҷуд омадааст.

**- Таманниёти Шумо дар ин рӯз?**

- Воқеан ҳам хеле рамзӣ аст, ки ҷашни 1 октябр – Рӯзи пиронсолон ба аввали моҳи октябр рост омадааст, зеро ки синну соли нафақа – ин «тирамоҳи заррини ҳаёт» ба шумор меравад. Бо самимияти хос ба эҳтироми бузург ҳамаи кӯҳансолони диёрро бо рӯзи идашон табрику таҳният мегӯем. Ба онҳо умри дарози босаодату саломатии бардавом орзу менамоем. Бигузор қалби онҳоро муҳаббати фарзандону набераҳо гарм нигаҳ дорад!

**- Барои чунин як суҳбати ихтисосӣ ба Шумо изҳори миннатдорӣ баён менамоем.**

**Мусоҳиб**
**Хусрав ШОСАИДОВ**

# ИНТИХОБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ҲОЛАТҲОИ ГИРИФТОРӢ БА БЕМОРИИ ДИЛРО ПЕШГИРӢ МЕНАМОЯД



*Бино ба хулосаи табибон, имрӯзҳо бемории дилу рагҳо афзоиш ёфта, яке аз даҳ сабаби фавти бармаҳали одамон ба он рабт дода мешавад. Табибон хатарҳои асри 21-ро ба ҳаёти инсоният муайян намуда, бемории дилу рагҳоро дар сархати он қарор додаанд.*

Дил яке азвҳои асосии инсон маҳсуб ёфта, ҳифз ва пешгирии ҳолатҳоигирифторӣ ба бемории дил тавассути тарзи ҳаёти солм муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамасола 29 сентябр дар ҷаҳон Рӯзи байналмилалии дил таҷлил мешавад. Ин ҷашн соли 1999 бо ибтикори Федератсияи байналмилалии дил ташкил шуд ва ин иқдомро Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва ЮНЕСКО дастгирӣ намуданд.

Бино ба иттилои расмии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, ҳамасола қариб 18 миллион нафар аз ин бемории нисбатан паҳнгардида ба ҳалокат мерасанд. 85%-и чунин ҳолатҳо дар мамлакатҳои даромадашон дар сатҳи паст ва миёна ба амал меояд. Зеро табобати гаронарзиш ва дастнорас боиси марги нафарони ба бемории дилу рагҳо гирифтор мешавад.

Боиси таассуф аст, ки шумораи фавти умумии нафарони ба бемории дилу рагҳо гирифтор сол аз сол меафзояд

Тавре табиби бемориҳои дил Ориёна Собирова зимни суҳбат бо мо иброз дошт, зиёдшавии холестерин, мубтало будан ба диабети қанд, фарбеҳӣ, камҳаракатӣ, вайроншавии ҳолати асабию рӯҳӣ, гирифтории шараёни фишорбаландӣ, тамокукашӣ, майнӯшӣ, асабоният, камҳаракатӣ ва тарзи нодурусти ҳаёт аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки шахсро гирифтори бемориҳои дилу рагҳо мекунанд.

Ба зикри Ориёна Собирова, солҳои охир бемории дил ҷавон шуда, он дар байни ҷавонон бештар ба чашм мерасад. Бино ба андешаи олимони соҳа, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ, дуруст ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, истеъмоли ғизои дуруст ва ҳаракати ҷисмонӣ метавонанд ҳолатҳои гирифторӣ ба бемории дил ва марг аз онро то 80 фоиз кам намоянд

«Солҳои охир бемории дилу рагҳо сабаби асосии фавти аҳолии сайёра гардида, паҳншавии он бо боло рафтани синну сол афзоиш меёбад. Ин беморӣ миёни аҳолии аз 70-сола боло беш аз 50% -ро ташкил медиҳад. Дар сохтори фавтияти умумии аҳолии Тоҷикистон аз 100 ҳазор 200 нафарро ташкил медиҳад. Ҳоло дар кӯдакони навзод низ бемории дил зиёд ба назар мерасад, ки аксарияти он модарзодӣ мебошад. Сабаби пайдошавии нуқсонҳои модарзодии дил гуногун мебошад. Ҳангоми пайдошавии узвҳои ҷанин дар ҳафтаҳои 4-8-уми ҳомиладории зан системаи дилу рагҳо инкишоф меёбад. Агар дар ин давра ба организми зани ҳомила омилҳои хатарнок таъсир расонанд, аз ҷумла беморшавӣ дар 3-моҳаи аввали ҳомиладорӣ, асабоният, носолимии оила ва истеъмоли ҳар гуна доруворӣ, ки ба ҷанин таъсир доранд, ин ҳолат метавонад сабаби асосии пайдо шудани нуқсонҳои модарзодии дил ва тамоми узвҳо дар системаи организми кӯдак гардад»,- гуфт мавсуф.

Имрӯз пешрафти илм ва технология дар табобати бемориҳои дил ҳам таъсири мусбати худро гузоштааст. Бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат, алалхусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ беҳтар гардид. Имрӯз дар ҷумҳурӣ техникаву технологияҳое фароҳам оварда шудаанд, ки дар муайян намудани бемории дилу рагҳо кумак карда, кори табибонро сабук намудаанд. Ҳоло табобати бемории дилу рагҳо бо нархҳои дастрас ба роҳ монда шудааст.

Бо мурури замон дастгоҳҳои муосире пайдо шуданд, ки назар ба солҳои қаблӣ дар гузоштани ташхис маълумотро мушаххас ва қариб 100% муайян менамоянд,- афзуд ҳамсуҳбати мо.

Ориёна Собирова бар ин назар аст, ки барои пешгирӣ аз пайдошавии бемориҳои дилу рагҳо саравввал ба солимии худ аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст. Нафаре, ки фаъолияти кории якранг дораду ҳаракати ҷисмонии кам мекунад, бояд дар байни 2 соат 10-15 дақиқа қадам зада, дасту пойҳоро ҳаракат диҳад ва гардиши хунро фаъол гардонад, то рагҳои бекорхобида ба кор даромада, фаъол шаванд. Дар ҳолати фаъол нагардонидани рагҳо онҳо чарбу гирифта, дар оянда ба бемории ишемикии дил ва сактаи дил оварда мерасонанд.

-Тавсияи ман ҳамчун табиби ин соҳа чунин аст, ки ҳар нафар бояд ҳангоми пайдо шудани нишонаҳои нахустини бемории дилу рагҳо ба мутахассисони соҳаи тиб муроҷиат намуда, кумаки аввалини тиббиро қабул намояд. Зеро пешгирӣ беҳтар аз табобат аст,-гуфт пизишк Ориёна Собирова.

**Холисаи АСОМИДДИН**

# КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БО ТАҶҲИЗОТИ МУОСИРИ СОҲАВӢ ТАЪМИН ГАРДИД

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои охир ба Муассисаи давлатии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳматулло Раҳмонзода» таҷҳизоти муосири соҳавӣ ворид гардида, биноҳои он аз таъмири асосӣ бароварда шуданд, хабар дод директори коллеҷ Зубайдулло Азиззода ба мухбири минтақавии АМИТ «Ховар».

Зикр шуд, ки барои омода сохтани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ба коллеҷ омӯзгорони беҳтарин ҷалб карда шуда, бо муассисаҳои тандурустии минтақаи Кӯлоб баҳри гузаронидани таҷрибаомӯзӣ шартнома баста шуд. Сохтмони бинои баландошёнаи хобгоҳ барои донишҷӯёни коллеҷ идома дошта, баъди ба истифода супоридани он мушкилоти донишҷӯён дар ин самт бартараф мегардад.

Муассисаи давлатии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳматулло Раҳмонзода» яке аз муассисаҳои бонуфуз дар минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб рафта, ҳамасола дар он садҳо нафар мутахассисони соҳибтаҷриба омода ва ба муассисаҳои тиббӣ сафарбар карда мешаванд.



Имсол низ тариқи Маркази миллии тестӣ довталабон ба муассисаи мазкур дохил шуданд.

Директори коллеҷ Зубайдулло Азиззода эълон доштааст, ки донишҷӯёне, ки ба таври аъло мехонанд ва интизоми намунавӣ доранд, баъди санҷиш бо идрорпулии иловагӣ таъмин мегарданд.



# ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ ЗАМИНАИ РУШДИ СОҲАҲОИ МУХТАЛИФИ ҶАМЪИЯТӢ ХОССАТАН ТАНДУРУСТӢ ДАР САРОСАРИ КИШВАР ГАРДИД

**Истиқлолият неъмати бебаҳо ва ниҳоят пурарзишест, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд,- «Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносиберо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад».**

Воқеан ҳам Истиқлолияти комили миллӣ ҳама орзуву ормони тули ҳазорсолаҳои дар қалб парваридаи миллати тоҷикро бароварда сохт ва мо тавонистем дар ин муддати начандон дур барои худ ва оиндагон зиндагии арзандаеро бунёд намоем. Маҳз бо шарофати истифлоли комили миллӣ тамоми соҳаҳои муҳим рушд ёфта вазъи некуаволии мардум ба маротиб боло бардошта шуд.

Ҳукумати кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ пайваста барои рушди соҳаи тандурустии мамлакат тадбирҳои амалӣ андешида, дар самти мустаҳкам сохтани низоми муассисаҳои тиббии кишвар барномаҳои зиёди амалиеро пиёда намуданд, ки дар зимн соҳаи тандурустӣ ба дастовардҳои беназири илмиву амалӣ ноил гардид. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саломатии миллатро бойигарии давлат эълон намуданд. Чунин назари хоссаи роҳбари давлат буд, ки соҳаи тандурустӣ дар сарокари кишвар аз рӯзҳои аввали Истиқлоли комили миллӣ ба бозсозӣ қарор гирифта дар муддати 30 сол вазъи хизматрасонии тиббӣ мутобиқ ба стандарти ҷаҳонӣ бароҳ монда шуд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳифзи солимии аҳолии мардуми кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонии босифати тиббӣ ва ба талаботи замон ҷавобгӯ намудани он аз ҷониби давлат ва Ҳукумати мамлакат як қатор барномаву стратегия ва дигар санадҳои муҳим қабул ва амалӣ гардида ин иқломи наҷиб идома пайдо намуда истодааст.

Ҳамин аст, ки бо шарофати ин неъмати бебаҳо вазъи хизматрасонии тиббӣ дар тамоми гушаву канори мамлакат ба маротиб боло рафта, фазъи сиҳатии сокинон то андозае зери назорати қатъии мақомоти марбута вогузор гардид.

Аз сарамаи Истиқлолияти комили миллӣ бахши тандурустии ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд низ ба тариқи назаррас баҳравар гардида, дар ин минтақа таҳти дастгириву ғамхориҳои пайвастаи роҳбарияти олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муассисаҳои соҳавӣ навгониҳои нав ба нав хоссатан дар корҳои илмиву амалӣ ба миён омад.

Кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию – санитарии ноҳияи Ҷаббор Расулов ба 141382 нафар аҳолии ноҳия хизмати тиббии сифатнок ва саривақта мерасонад. Дар умум шумораи кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию – санитарии ноҳия 485 нафарро ташкил медиҳад.

Аз шумораи зикршуда, табибон – 102 нафар, 1 нафар Логопед, 13 - нафар дуҷоякорон, ҳамагӣ 116 - нафар, табибони тибби оилавӣ - 53 нафар.

Табибони ҷавони собиқаи кориашон то 7 сола - 24 нафар, дараҷанокии табибон аз ҳисоби шумораи умумӣ: Олӣ - 46 нафар, якум - 14 нафар, дуюм - 8 нафар, ҳамагӣ - 68 нафар. Ин 83%-ро ташкил мекунад.

Кормандони миёнаи тиббӣ - 303 нафар, 216 нафар ҳамшираҳои тибби оилавӣ. Кормандони ҷавони собиқаи кориашон то 5 сола - 85 нафар.

Дараҷанокии кормандони миёнаи тиббӣ: Олӣ - 124 нафар, якум – 34 нафар, дуюм – 48 нафар, ҳамагӣ - 206 нафарро ташкил мекунад, ки ин аз ҳисоби кормандони миёнаи тиббӣ 94,5%-ро ташкил медиҳад.

Дар низоми муассисаҳои КАТС-и ноҳия 1 адад – Маркази саломатии ноҳиявӣ, 14 адад – Маркази саломатии деҳотӣ, 17 адад - Хонаҳои саломатӣ, 1 адад - Хонаи таваллуди деҳотӣ дар деҳаи дурдасти «Кӯрғонча», 4 адад марказҳои махсусгардонидашуда аз он ҷумла: 1 адад - Маркази ҳимояи аҳолӣ аз беморӣи сили ноҳия, 1 адад - Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдаконаи ноҳия, 1 адад - Маркази эмтаъминкунии ноҳия, 1 адад - Маркази солимии репродуктивии ноҳия фаъолият мебарад.



Дар давоми солҳои сипаришуда Сохтумони бинои нави замонавии Маркази саломатии «Деҳмой» аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ, сохтумони 7адад хонаҳои саломатӣ бо дастгирии бевоситаи Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳия ва соҳибкорони маҳаллӣ сурат гирифт. Аз ҷумла дар давраи зикршуда, хонаи саломатии «А.Назаров» ба маблағи 63828 сомон, хонаи саломатии «Ваҳдат» ба маблағи 69820 сомонӣ, хонаи саломатии «Хитой қишлоқ» ба маблағи 44139 сомонӣ, хонаи саломатии «Гулистон» ҷ.Деҳмой, хонаи саломатии «Чириқ ба маблағи 32000 сомонӣ, хонаи саломатии Бахтовар сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамзамон хонаи саломатии «Маданият» аз тарфи Фонди хайриявии «Ҷамияти Ҳилоли Аҳмар» дар моҳи декабри соли 2020-ум аз нав сохта шуда ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон дар ин давра дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикон оид ба рушт, дар доираиҳои ҳамкориҳои густурда бо Бонки умумиҷаҳонӣ Лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ дар деҳот» бо талошу кӯшиши маъмурияти муассисаҳои КАТС-и ноҳия 4 адад МСД-ҳо аз нав сохта шуда бо таҷҳизотҳои замонавӣ ба маблағи 8105286,5 сомонӣ сохта ба истифода дода шуд, ба маблағи 1752628,7 сомонӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин карда шудааст аз он ҷумла:

МСД «Меҳробод» соли 2018 аз тарафи Бонки Умумиҷаҳонии ба маблағи 2323374 сомони сохта шуда, ба маблағи 744341,96 сомонӣ бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуда ба истифода дода шуд.

МСД «Пориж - Коммуна» соли 2018 ба маблағи 1743256,18 сомонӣ сохта шуда, ба маблағи 345425,77 сомонӣ бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуда ба истифода дода шуд.

МСД «Гулхона» соли 2019 ба маблағи 1822918,53 сомонӣ сохта шуда, ба маблағи 299764,42 сомонӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин карда шуда ба истифода дода шуд.

МСД «Хитой қишлоқ» соли 2019 ба маблағи 2215737,95 сомонӣ сохта шуда, ба маблағи 363096 сомонӣ бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуда ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон дар доираи дастовардҳои соҳавӣ соли 2018-ум боми бинои маркази саломатии ноҳия аз ҳисоби як рӯзаи музди маоши кормандони соҳаи тибби ноҳия ва қисман аз суратҳисоби махсуси Қарори №600 ба маблағи 38000 сомонӣ бо пурргагӣ аз нав болопӯш карда шуд.

Бинои МСД Ӯлакандоз бо пурргагӣ аз таъмири куллӣ МАНФ бароварда шуд.

Беруни бинои МСД 4 маҳалла пурра аз таъмири косметикӣ бароварда шуд.

Гуфтан ба маврид аст, ки имрӯзҳо ниёзмандии муассисаи тиббӣ бо нодиртарин дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ бароварда шудааст. Имрӯз кормандони муассисаҳои тандурустии ноҳия бо истифода аз дастгоҳу лавозимоти навтарини соҳавӣ аз қабили рентгени рақамӣ, нақлиёти ёрии таъҷилӣ, мизҳои ҷарроҳӣ, катҳои функсионалӣ, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, дастгоҳи ултрасадой, кардиоманиторҳо, оксигенератор, дастгоҳҳои хатна ва ғ хизматрасонии хуб ва босифати тиббиро барои аҳолии ноҳия пешкаш намуда истодаанд.

Дар посух ба ин ҳама дастгириву ғамхориҳои роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистот ба соҳаи тандурустӣ тамоми кормандони соҳаи тибби ноҳия кушиш ба хар медиҳанд, ки дар ҷодаи корму пайкор содиқона баҳри фифзи сатҳи саломатии мардум фаъолияти бомаром дошта бошанд.

**Малоҳат АҲМАДҚУЛОВА,**
**роҳбари муассисаҳои КАТС-и ноҳияи Ҷаббор Расулов**

# РУШДИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ДАР НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ НАЗАРРАС АСТ

**Ҳукумати кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ пайваста барои рушди соҳаи тандурустии мамлакат тадбирҳои амалӣ андешида, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саломатии миллатро бойигарии давлат эълон намудаанд ва дар доираи азалӣ муаррифи шудани нақши ин соҳаи дар таъмини сиҳатии сокинон маҳз дар доираи назароти хоссаи роҳбарияти олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯиҳои аввали Соҳибистиқлолӣ соҳаи тандурустӣ ба бозсозӣ қарор гирифта дар муддати 30 сол вазъи хизматрасонии тиббӣ мутобиқ ба стандарти ҷаҳонӣ бароҳ монда шуд.**

Имрӯз соҳаи тандурустӣ дар кишвар рушд намуда, вазъи хизматрасонии тиббӣ мутобиқ ба стардартҳои ҷаҳонӣ қарор гирифта, инчунин муассисаҳои тандурустӣ бо муосиртарин дастгоҳҳои тиббӣ таъмин гардидаанд.

Дар қатори дигар минтақаҳои кишвар бахши тандурустӣ ва хоссатан Шабакаҳои муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд низ аз самараи суботи комил ва Истиқлоли миллӣ ба хуби баҳравар гардидааст. Маврид ба тазаккур аст, ки Шабакаҳои муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Деваштич дар асоси Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзалиятнокии таҳкими кумакҳои аввалияи тиббию санитарӣ бо роҳи азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди назари вазифаҳои он, ҷорӣ намудани тибби оилавӣ, таълими муассисаҳо бо кормандон, беҳтар намудани инфрасохтор ва хизматрасонии тиббӣ бо қарори раиси ноҳияи Деваштич ҳамчун муассисаи давлатӣ ташкил карда шудааст.

Дар ноҳия 2 маркази саломатии ноҳиявӣ, 18 адад марказҳои саломатии деҳот ва 20 бунггоҳҳои саломатӣ фаъолият мебаранд. Аҳолии ноҳия ба ҳолати 01.01.2021 177890 нафарро ташкид медиҳанд. Дар сохтори КАТС-и ноҳия марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, муқовимат бар эпидемияи ВНМО\БПНМ, ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил, ҳамбастагии бемориҳои кудакона, иммунопрофилактикаи бемориҳои сироятӣ, маркази солимии репродуктивӣ фаъолият бурда, баҳри пешгирии беморшавӣ ва беҳтар намудани самти солимгардонии аҳолӣ корбарӣ намуда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки таи солҳои Истиқлоли комили миллӣ маблағҳои буҷҷети соҳаи тандурустии ноҳия давра ба давра боло бардошта шуда, дар зимн заминаи беҳтаршавии вазъи хизматрасонии тиббӣ ва некуаҳволии кормандони соҳавӣ гардид. Ҳамин аст, ки дар соли 2021 аз буҷети ноҳия ба муассисаҳои КАТС 8049667 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардид, ки ин нисонаб ба солҳои гузашта якчанд маротиб зиёд мебошад.



Дар давоми солҳои 2010 то 2021 мабалағгузории сохтори КАТС аз 1282005 сомонӣ то 8049667 сомонӣ буда, 6,3 маротиба зиёд шудааст.

Дар муассисисаҳои КАТС-и ноҳия дар соли 2021 ҳамагӣ 489 нафар кормандон фаъолият мебаранд. Дар соли 2009 тахассуснокии табибон - 31% ва дар соли 2020 86,1% буда, нисбати соли 2009 2,7 маротиба зиёд шудааст. Дар давоми солҳои 2018-2019 51 нафар табибон дар асоси қарор ва хулосаи комиссияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби сертификати мутахассис гаштанд.

## Рушди тибби оилавӣ

Аз соли 2010 ҳамагӣ 1 нафар ва таи солҳои 2013-2019 ҳамагӣ 50 нафар табибон ва 188 нафар ҳамширагони тиб аз курси бозомузии тибби оилавӣ дар заминаи Маркази таълимию табобатии тибби оилавии вилояти Суғд гузаштанд ва айни замон 49 нафар табибони оилавӣ ва ҳамширагони тибби оилавӣ дар марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия фаъолият менамоянд. Дар солхои 2015-2019 6-нафар ординаторони клиникӣ аз руи лоиҳаи “ШИТОЗ” курси 2-солаи ординатураи тибби оилавиро дар заминаи маркази саломатии ноҳиявӣ гузашта, хамчун табиби оилавӣ фаъолият бурда истодаанд. Дар соли 2017-2019 низ 4 нафар соли 2-юми ординатураи клиникии тибби оилавиро гузаштанд. Дараҷанокии табибони оилавӣ - 35 нафар ё 85,1% ва ҳамширагони тибби оилавӣ-65%ро ташкил медиҳад.

То имруз 48 нафар табибони оилавӣ бо борхалтаҳои табиби оилавӣ таъмин карда шудаанд Ҳамзамон бо лоиҳаи “Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ” дар 5 деҳа марказҳои саломатии деҳот бо шароитҳои кории мусоид сохта шудааст ва ҳуҷраҳои корӣ бо таҷҳизотҳои тиббӣ ва озмоишгоҳӣ таъмин гардидаанд. Дар 9 марказҳои саломатии деҳот ҳуҷраҳои озмоишгоҳи клиникӣ ташкил карда шуданд. Соҳиби сертификати мутаххассиси тибби оилавӣ -31 нафар табибон солҳои 2017-2018 соҳиб шуданд. Ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши табибон ва ҳамширагони тибби оилавӣ нақшаи такмили ихтисос тартиб дода шудааст.

Дар давоми соли 2015 ва то соли 2019 дар доираи ҳамкориҳои судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикон оид ба рушд Лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ» дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия маблағгузории Бонки умумиҷаҳонӣ татбиқ гардид. Ҳадаф ва вазифаҳои Лоиха аз такмили сифат ва дастрасии хизматрасонии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ тавассути усулҳои муосири маблағгузории соҳаи тандурустӣ, алалхусус «Маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолият», бо ҳамбастагӣ дар такмил додани иқтидори кадрӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС иборат мебошад. Лоиҳа барои 38 муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Деваштич татбиқ гардидааст. Бояд кайд намуд, ки танҳо дар давоми 5 сол аз хисоби маблағҳои бонуси (30%), ки барои 38 марказҳои саломатии деҳот ва хонаҳои саломатии ноҳия чамъ ба маблағи 1375209,42 ҷудо гардида, ба самтҳои зерин равона карда шудаанд. Аз ҷумла 36 адад муассисаҳо таъмир карда шуда, ба 6 адад муассисаҳо хатти об (гарм –хунук ) гузаронида шуд, 5 адад муассисаҳо гирдпуш карда шуд, 1 адад маркази саломатии деҳаи Басманда ва 1 адад бунгоҳи саломатии деҳаи Меҳробод бо дастгоҳи гармидиҳӣ таъмин карда шуд ва дар 12 адад муассисаҳо бо дару тирезаҳои ҳозиразамон иваз карда шудааст. Ҳамзамон аз ин ҳисоб ҳамаи марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия бо маводи конселярӣ-140215.17, хоҷагидорӣ, доруворӣ ва маводҳои тиббӣ барои ҳолатҳои фавқулода -93822,2 сомонӣ, таҷҳизот (мизу курси, ҷевон ва гайра-129393,76 дирам), камераҳои назоратӣ-37811 сомонӣ, хоҷагидорӣ - 186165,61 дирам, либоси намунавии касбӣ - 9667 сомонӣ таъмин карда шудаанд. Илова бар ин дар 13 муассисаҳои марказҳои саломатии деҳот ва 2 адад бунгоҳҳои саломатӣ «Ҳуҷраи хатна» ташкил карда шудааст.

## Корҳои таъмирӣ ва сохтмонӣ дар давоми солҳои 2009-2020

Дар давоми соли 2009 аз ҷониби аҳолии деҳа ва хоҷагии деҳқонии «Овчӣ» сохтмони дармонгоҳи деҳотии духтурӣ, минбаъд маркази саломатии деҳа иборат аз 8 ҳуҷра ба маблағи 20000 сомонӣ оғоз ёфт ва мавриди истифода қарор дода шуд. Соли 2011 Бунгоҳи саломатии «Меҳробод» аз тарафи хоҷагии деҳқонӣ ва аҳолӣ ба тариқи ҳашар ба маблағи 232411 сомонӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар соли 2012 аз тарафи аҳолии деҳа нуктаи тиббӣ дар МСД Зарнисор ба маблағи 110000 сомонӣ ба тариқи ҳашар сохта шуд. Инчунин соли 2012 дар деҳаи Ҳавутак бунгоҳи саломатӣ ба тариқи ҳашар аз тарафи аҳолӣ ва хоҷагии деҳқонӣ ба маблағи 253000 сохта шудааст.

Сохтмони нуқтаи тиббии деҳаи Навобод аз ҳисоби маблағи аҳолии деҳа ва соҳибкорон соли 2020 оғоз гардида, дар семоҳаи дуйуми соли ҷорӣ ба маблағи 120 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шуд. Ба ғайр аз ин дар деҳаи Далъёни Поёни ҷамоати деҳотии Далъёни–Боло аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ нуқтаи тиббӣ ба фаъолият шурӯ намуд.

Солҳои 2016-2017-2018-2019 бо маблағгузории лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ» дар деҳаҳаи дурдасти Метк 1224645сомонӣ, Хишекат 1299322 сомонӣ, Далёни Поён1248451 сомонӣ, Даштикон 1466747 сомонӣ ва Хуштоири Мухлон 1256138 сомонӣ биноҳои навбунёди муосир ҳамагӣ ба маблағи 6495303 сомонӣ сохта шуд ва айни ҳол мавриди истифода қарор доранд. Дар тайи солҳои 2011-2019 ба маблағи 497006 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллӣ ва ҳисоби махсус дар марказҳои саломатии ноҳия корҳои таъмири роҳравҳо, асфалтпӯш намудан, сохтмони мошинсарой ва мабразхона ба анҷом расонида шуд. Соли 2019 бо маблағгузории 1366000 сомонӣ аз тарафи Сохтмони асосии вилояти Суғд бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои маркази саломатии деҳаи Яхтан ифтитоҳ гардид. Корҳои сохтмонии бинои бунгоҳи саломатӣ дар деҳаи Каҷровут ба маблағи 497000 сомонӣ идома доранд. Дар давраи сипаригаштаи соли 2020 аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллӣ ва ҳисоби махсус корҳои таъмирии шуъбаи тибби оилавии маркази саломатии ноҳия ва маркази саломатии ноҳиявии №1 ба маблағи 241000 сомонӣ таъмири ҷорӣ гузаронида шуд.

## Харидории таҷҳизотҳо ва лавозимотҳои тиббӣ

Дар соли 2008 дар доираи дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як адад нақлиёти хизматии «Нива» ба маблағи 42372 сомонӣ дастрас гардид ва ҳамзамон аз ҳисоби лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ» дар солҳои 2015-2019 автомашинаи «Тойота хай люкс» ба маблағи 132300 сомонӣ, 3 адад нақлиёти санитарӣ ба маблағи умумии 846000 сомонӣ ба марказҳои саломатии деҳаҳои Метк, Хишекат ва Далёни Поён дастрас гардид.

Соли 2012 таҷҳизотҳои тиббӣ ба маблағи 39240 сомонӣ аз мувозинаи беморхонаи клиникии бачагонаи вилояти Суғд ба мувозинаи бунгоҳи саломатии деҳаи Меҳробод гузаронида шуд. Солҳои 2010-2021 аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллӣ 3617862 сомонӣ, аз ҳисоби маблағи махсус 374162 сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи умумии 3992024 сомонӣ 84 номгуй таҷҳизот, аз он ҷумла таҷҳизотҳои гаронарзиш, таҷҳизотӣ ултрасадо 3 адад, таҷҳизотӣ стоматологӣ (бормашина) 5 адад ва таҷҳизот барои ҳуҷраи амрози занона видеоколпоскоп 1 адад харидорӣ карда шудаст. Дар соли 2020 барои харидории як адад рентгени рақамӣ 1200000 сомонӣ маблағ пардохт карда шудааст. Дар таи солҳои 2015-2019 дар доираи ҳамкориҳо бо шарикон оид ба рушд 149 номгуй таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ ба маблағӣ 1967000 сомонӣ дастрас карда шудааст. Дар соли 2021 аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва Ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи рентгени рақамии беморхонагӣ «Диамонд 6А» бо принтер ва танзимкунандаи барқ ба маблағи 1058000 сомонӣ дастрас карда, ба истифода дода шуд.

**Рустам РАСУЛОВ, роҳбари Шабакаи муассисаҳои КАТС-и ноҳияи Деваштич**

**Ампелотерапия (ангуртабобатӣ) яке аз усулҳои парҳезшифоӣ буда, бо маслиҳату таъйиноти духтур ва якҷоя бо дорушифоӣ ба ҷо оварда мешавад. Хосиятҳои шифобахшӣ ва парҳезии ангур аз замонҳои қадим маълум аст. Дар ин бора Буқрот, Плиний, Абубакри Розӣ, Абуалии Сино ва дигар олимону донишмандон ақидаҳои ҷолиб баён кардаанд. Дар «Махзану-л-адвия» ном асари Муҳаммад Ҳусейни Оқилӣ омадааст, ки «Беҳтарин навъи ангур сафеди расидаи ширини шодоби бузургдона аст, ки пӯсташ нозук, тухмаш хурд ва донаҳояш дар миқдор баробар бошанд… Ангур беҳтарин меваҳост дар ғизоият ва тавлиди хуни солеҳ ва баэътидоловарандаи мизоҷҳои ғализ ва софкунандаи хун ва дафъкунандаи моддаҳои савдоӣ ва эҳтироқия (сӯхташуда) аст. Ҳоли сина ва шушро беҳтар ва баданро фарбеҳ мекунад ва пиҳи (чарбу) гурдаро зиёд мегардонад. Оби онро хӯрда, пӯсти онро андохтан лозим аст… Ангури норас ва ғӯра афиси (тақир) сард буда, қувваи қобиза дорад…»**

# ХУСУСИЯТИ ШИФОБАХШИИ АНГУР

Дар таркиби ангур глюкоза, фруктоза, кислотаҳои себ, силикат, оксалат, салитсилат, ҷавҳари лиму, моддаҳои минералӣ, микроэлементҳо, витаминҳои С, В, провитамини А (каротин), биофлавоноидҳо, ферментҳои гуногун ва ғ. мавҷуданд. Самараи табобатии ампелотерапия бештар ба глюкоза, намакҳои калий (тақр. 250 мг%) ва об (тақр. 70 – 80%) вобастагӣ дорад. Дар мавриди ампелотерапия раванди мубодилаи моддаҳо (хусусан обу намак) меафзояд, фаъолияти гурдаҳо беҳтар шуда, моддаҳои заҳрнок аз организм ихроҷ мегарданд, кори меъда ба сомон меояд, иштиҳо кушода мешавад. Ба сифати парҳезона метавон тамоми анвои ангурро кор фармуд. Ангур барои муолиҷаи бемориҳои дил, бронхҳо, гурда, ҷигар, амрози меъдаю рӯдаҳо, камхунӣ, ниқрис (подагра), сили музмини шуш, харобии силсилаи асабҳо, инчунин ба сифати давои муқаввӣ (ҳангоми маризии бардавом) таъйин карда мешавад. Дар мавриди ампелотерапия аз истеъмоли меваҳои дигар ҳатталимкон худдорӣ кардан лозим; истеъмоли сабзавот, шир, ғизоҳои серравған ва шӯр, квас, оби минералӣ, шароб низ ҷоиз нест. Миқдори ангур ва афшураи он, инчунин давомоти табобат ба таври фардӣ таъйин карда мешавад. Ампелотерапия дар мавриди бемориҳои диабети қанд, фарбеҳӣ, захми меъда, энтерит ва энтероколит, плеврити шадид, стоматит, гингивит, глоссит, сили шадид ва ғ. зарар дорад.

Хосияти шифобахшии мавизи ангур низ аз қадимулайём маълум мебошад. Дар таркиби мавиз то 73% қанд ва ба миқдори зиёд намакҳои калий мавҷуданд. Барг ва навдаҳои тарраки ток низ хосияти табобатӣ доранд. Доруи натуроза, ки аз ангур истеҳсол карда мешавад, барои муолиҷаи хунравии шадид, коллапс, садма (шок) истифода мегардад.

Имрӯзҳо дар бозори мо намудҳои ангур бисёранд. Ҳар як намуди ангур хусусияти шифобахшӣ дорад.

Масалан, истеъмоли ангури тагобиро мутахассисон барои шифои



камхунӣ тавсия медиҳанд. Ангур гуруснагиро низ бартараф месозад. Мегӯянд, ки ангур давои 20 беморӣ мебошад. Ангур бемориҳои гепатит ва холесиститро рафъ сохта, ба мубодилаи моддаҳо таъсир мерасонад. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо маълум шудааст, ки истеъмоли ангур хурӯҷи бемориҳои такрорёбандаро хеле кам менамояд.

Мутахассисон муайян сохтанд, ки дар таркиби ангур қариб 150 моддаҳое мавҷуданд, ки ба организми инсон, таъсири пурсамар мерасонад. Хусусиятҳои шифобахшии ангур ба чӣ қадар пухта расидан, хусусиятҳои хок ва микроиқлим вобаста аст.

Истеъмоли як пиёла шарбати ангур дар фасли зимистон ба организм нафъи беандоза дорад. Дар шарбати ангур ҳамаи хусусиятҳои шифобахшии ангури тару тоза мавҷуд аст. Шарбати ангур дорои моддаҳои калий ва пектин буда, аз склероз пешгирӣ менамояд. Ба ҳамин хотир мутахассисон истеъмоли шарбати ангурро маслиҳат медиҳанд. Агар шахс ҳар рӯз ба миқдори кам мавиз истеъмол намояд, аз сулфаи балғамдор, сафро халосӣ ёфта, хотирааш мисли қаблӣ барқарор мешавад. Яъне бемориҳое, ки зикрашон дар боло рафт, метавонанд, ки ба ҷои ҳаб (таблетка) бо ангур шифо ёбанд. Барои ҳифзи пӯсти дандон аз таъсири оксидҳо ва гулхо низ истеъмоли ангур тавсия дода мешавад.

Ангури беҳтарин пухтарасида ва ширини он аст, ки аз ҷинси аскарӣ, соҳибӣ, риши бобо ва кишмиш аст. Баъд аз инҳо навъҳои дигараш мақом дорад. Мизоҷаш гуногун аст бинобар ранг ба ранг будани навъҳои он. Мутлақан пухтаи он дар дараҷаи якум гарм ва тар аст; баъзеҳо бисёр ширини онро то дараҷаи дувум гарм донистаанд.

Хислатҳои шифобахши он: ин беҳтарини меваҳо ба ҳисоб меравад ҳамчун ғизо ва пайдо кардани хуни солим; мизоҷҳои ғализро ба эътидол меоварад, хунро соф мекунад, моддаҳои савдовӣ ва сӯхтаро аз бадан дафъ месозад; ҳоли бади узвҳои даруни сина ва шушро ислоҳ менамояд, баданро фарбеҳ мегардонад; агар онро макида оби онро биёшоманду пӯсташро партоянд, чарбии гурдаро зиёда мекунад. Вале хӯрдани ин ба меъдаи тармизоҷ ва боднок зарар дорад ва инчунин дар он бодро ба амал меоварад — давои ин зиёнаш зира ва арпабодиён хӯрдан аст. Ва агар дар ҷигар ва сипурз гиреҳ пайдо шуда бошад, низ зиён мекунад, ба қулинҷи бодӣ ва гурда низ зарарнок аст — дар ин мавридҳо тухми карафс бихӯранд, кифоя аст, ки ислоҳи зарар намояд. Инчунин дарунро мулоим ва хӯрандаашро ташна мекунад — дар ин ҳолат сиканҷабин ва ғизоҳои турш истеъмол бояд намуд.

Агар ангур хӯрда, аз болояш оби хунук бинӯшанд, бағоят зарарнок аст: мумкин аст ба иллати истисқо ва табҳои бадбӯ гирифтор намояд. Бояд ки ангурро баъди аз дарахташ ҷудо кардан дарҳол тановул накунанд, балки як-ду рӯз истода бошад, баъд бихӯранд ва инчунин мобайни ду таом, ки таоми аввал хӯрдашуда ҳазм ёбад, баъд онро бихӯранд. Ангури нав бодангез аст. Агар пӯсти он андак пажмурда гардад, баъд бихӯранд, дар ғизоият қавитар мешавад назар ба анҷир, бодаш ҳам кам мебошад, баданро қувват мебахшад, фарбеҳ мекунад, хуни солимро зиёда менамояд; моддаҳои нодаркор ва зарарнокро пазонида, барои дафъ шудан муҳайё месозад; дарунро мулоим мекунад, барои беморони нимҷон ва ба касони аз беморӣ навхеста ва инчунин таби хунуки доимӣ гирандагон фоида дорад.

Оби ангур зуд нуфузкунанда ва ба тезӣ аз меъда гузаранда аст, барои бемориҳои узвҳои даруни сина ва шуш бисёр фоидабахш аст ва бояд оби онро макида, пӯсташрю бипартоянд. Мавиз, хусусан мавизи тойфӣ барои меъда, ҷигар, гурда ва хичак мувофиқтар мебошад. Агар ангур баъди аз сараш чидан ду рӯз монда бошад, онро ва ё мавизашро бардавом бихӯранд, дардҳои меъда, рӯдаҳо ва хичакро шифо мебахшад.

Аз ангур равған ҳам тайёр мекунанд ба ин усул. Оби ангурро бо равғани зайтун якҷо ҷӯшонида, обаш бухор шуда равад, баъд равғанро соф карда мегиранд. Ин равған бағоят гармкунандаи бадан, таҳлилдиҳандаи моддаҳои ғафс, гардонандаи варамҳо ва мулоимкунандаи пӯст аст. Мизоҷи тухми ангур дар дараҷаи дувум сард ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, бод пайдо мекунад, дарунро мебандад, пешоб ва маниро нигоҳ медорад, хусусан тухми ангуре, ки аз хуми сирко бароварда бошанд, дар ин бобат қавитар аст. Вале ин ба хичак ва гурда зарар дорад.

Мизоҷи пӯсти меваи ангур дар дараҷаи якум хунук ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, аз меъда дер фуруд меояд, бод пайдо мекунад. Пӯсти меваи ангурро сӯхта, ос карда бипошанд, пӯсти баданро ҷило медиҳад, рутубатҳои чашмро хушк мегардонад ва аксари захмҳоро дар ҳар як узве, ки бошанд, хушк месозад.

Ангури хом ва ғӯраи он дар таъм тунҷ ва мизоҷаш хунук мебошад. Хӯрдани ангури сурх, ки нисбатан турштар аст, аз меъда дер мефурояд, вале ба меъда қувват мебахшад. Аммо навъи сафеди он латиф ва аз меъда ба зудӣ поён фуруд меояд. Хокистари чӯби токро бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад.

# МАНФИАТИ АНОР

*Анор яке аз меваҳои серистеъмолтарин ба шумор рафта, манбаи саломатӣ арзёбӣ мегардад. Таркиби он аз витаминҳои A, C, E, гуруҳи витаминҳои B, микроэлементҳо ва макроэлементҳо иборат буда, чандин хусусиятҳои шифобахширо доро мебошад.*



Олимони Эрон, Италия, Босния ва Гертсеговина муайян кардаанд, ки фитотерапия, яъне муолиҷа бо растаниҳои давоӣ барои муолиҷаи бемории коронавируси намуди COVID-19 кумак мерасонад.

Тибқи таҳлилҳои ин олимон, махсусан шираи пӯсти анор бар зидди ин вирус хеле натиҷабахш мебошад. Моддаҳое, ки дар таркиби пӯсти анор мавҷуданд, ҳуҷайраҳои бадани инсонро метавонанд аз дохилшавии вируси зуком муҳофизат намоянд.

Вобаста ба кобилияти зиддивирусии шираи пӯсти анор табиби гиёҳдармонӣ, доктори илми тиб Муллозуҳур Тоҳирӣ иброз медорад, ки таъсири шираи пӯсти анор бар зидди вирусҳо хеле самаранок мебошад. Пӯсти анор дар баробари хусусияти зиддивирусӣ доштан, инчунин дарунравӣ ва хунравиро боздошта, ба чандин бемориҳои дигар даво мебахшад. Истеъмоли анор барои баланд бардоштани иммунитет манфиатовар мебошад.

"Вале бояд гуфт, ки дар ҳолати гирифторӣ ба бемории COVID-19 хун ғафс мешавад, ки дар ин вакт истеъмоли шарбати пӯсти анор мумкин нест. Зеро шарбати пӯсти анор хунро ғафс мекунад",-мегӯяд табиби гиёҳдармонӣ Муллозуҳур Тоҳирӣ.

Лозим ба зикр аст, ки шарбати анор ва чойи сабз низ таъсири хеле баланди зиддивирусӣ ва зиддиилтиҳобӣ доранд — онҳо метавонанд то 80 фоизи коронавирусро нобуд кунанд. Ин шарбат ва чой муҳити туршро ба вуҷуд меоранд ва дорои полифенолҳои растанӣ мебошанд, ки дар онҳо вирус наметавонад зинда монад.

Бино ба тавсияи мутахассисони гиёҳдармонӣ истеъмоли анор дар ҷисм хуни солеҳ пайдо намуда, хавфи бемории камхунӣ (анемия)-ро аз байн мебарад. Барои рафъи камхунӣ муддати 2 моҳ бояд аз шарбати анор ҳамаруза ба миқдори 0,5 стакан, 3- маротиба, 30 дақиқа пеш аз хурок истифода баред. Ҳамзамон хурдани анори майхуш фишори хунро ба эътидол оварда, барои рафъи асабоният ва бехобӣ судманд аст.

Инчунин истеъмоли донаҳои анор гормонҳои ҷисмро фаъол намуда, дарди сарро нафъ дорад. Инчунин барои занҳое, ки климакс (манъи ҳайзбини)-ро аз сар мегузаронанд, муфид арзёбӣ мегардад. Нушобае, ки аз пусти анор тайёр карда мешавад, барои дардҳои даҳон, дандонҳо ва гулу низ нафъ дорад. Барои рафъи дардҳои номбурда даҳонро бо ин ҷушоба рӯзе чанд маротиба мечайқонанд ва гулуро бо он ғарғара мекунанд.

Анор ивазкунандаи инсулин аст. Беморони қанд метавонанд бар ивази ширинӣ шарбати анор ё донаҳои онро истеъмол намоянд. Аммо коршиносон тавсия медиҳанд, ки беморон бояд ҳатман ба меъёри истемоли анор диққат диҳанд. Яъне зиёд истеъмол намудани он зиёновар аст.

Ба нафароне, ки аз радиатсия зиён дидаанд, нушидани шарбати анор, хусусан майхуши он тавсия дода мешавад. Хурдани мунтазами ин мева барои шахсоне, ки дар корхонаҳои радиатсионӣ фаъолият мекунанд, муфид аст. Ҳатто гули ин намуди мева ба хунравӣ, бемориҳои гулӯ, исҳоли хун ва таби баланд муфид мебошад. Ба кори дилу рагҳо ва пурқувват намудани организм хизмат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки анор барои гирифторони бемориҳои пуст низ нафъ дорад. Барои ин пусти анорро дар об ҷушонида, ба он равғани маска ё ангат илова менамоянд. Омехтаро дар яхдон нигоҳ дошта, ҳафтае 2-маротиба дар мавзеъи маризидоштаи пуст мегузоранд. Инчунин бо ёрии дамобаи анор мавзеи сухтагӣ, кафида ва шахшулии пустро табобат кардан имкон дорад. Анор баъдан аз кирмҳои рудаву меъда низ наҷот медиҳад. Барои ин 40-50 грамм решаҳои майдакардаи анорро дар 400 грамм оби хунук 6 соат нигоҳ доштан лозим аст. Сипас онро дар оташи паст, то ним миқдор мондан ҷушонидан лозим аст. Ин ҷушобаро ба 2 тақсим намуда, як ҳиссаашро кам-кам дар муддати 1 соат нушидан лозим. Пас аз 1 соат доруи сусткунанда истеъмол намуда, ҳамзамон бо ҳиссаи боқимонда хукна-клизма намудан лозим аст. Анор барои бемории дарунравӣ низ нафъ дошта, дар ин маврид пуст, реша ва меваи онро истифода мебаранд. Бахусус обҷуши пусти он муфидтар аст. Обҷуши решаи анор барои шамолкашии гурда, ҷигар, гуш, чашм, узвҳои занона ва пайвандҳо судманд ҳисобида мешавад. Барои ин ба 2 қошуқ решаҳои майдакардаи анор, 1 стакон оби ҷуш мерезанд, онро дар зарф обдор андохта, дар муддати 30 дақиқа меҷушонанд. Обҷуши омадагардидаро давоми як моҳ, рӯзе 2-3 маротиба,ба миқдори 50 г, 30 дақиқа пеш аз хӯрок 2-3 истеъмол мекунанд.

Паёми шифо

**МУАССИС:**

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Ҷамолиддин Абдуллозода,** вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ғафур Муҳсинзода,** муовини якуми вазир

**Зулфия Абдусамадзода,** муовини вазир

**Шодихон Ҷамшед,** муовини вазир

**Амирзода Абдухолиқ,** муовини вазир

**Саломуддин Юсуфӣ,** сардори Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм

**Султон Бекмуродзода,** сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Абдулҳаким Холзода,** директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Директори Маркази матбуоти вазорат:**
Эмомалӣ Мирзоев

**Сармуҳаррир:**
Муҳаммадмусои Идрис

**Тарроҳ:**
Сафаралӣ Сатторов

**Ҳайати эҷодӣ:**
Фотима Яқубова, Хусрав Шоҳсаидов, Зайнаб Анварӣ, Иброҳим Ятимов, Суғдмеҳри Маъруфзод

Ҳафтанома тахти №120/РЗ 97 аз 29-уми январи соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Ба дурустии далелу рақамҳо муаллифон ҷавобгаранд.

Мавод дар шакли электронӣ, дар ҳаҷми на камтар аз 2 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 қабул карда мешавад.

Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега–принт" ба табъ расид.
**Теъдоди нашр:** 2500 нусха.
**Нишонӣ:** ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, кӯч. Деҳотӣ 48 69, тел 44-600-60-02

**Дар ҳафтанома аз маводу матолиби интернет низ истифода шудааст.**